МУҲИДДИНИ МУЗАФФАР ЧӢ ДОВ ДОРАД? с. 9

АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ ДАР ТОҶИКИСТОН с. 3

ЯК ЛАҲЗА ДИДОР БО УСТОД АЙНӢ с. 6

ТОҶИКИСТОН

№46 (1659), 12.11.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



АЗ МАРКАЗИ ИННОВАТСИОНӢ ТО 240 ХОНА БА КОРМАНДОНИ ВКД



ДАР ИН ШУМОРА:

СОҲИБКОРӢ
Чаро садҳо нафар фаъолияташонро қатъ карданд? с.3

БАРҚ
Талафот кам шудааст с.5

ТАҒЙИРОТ ДАР ОИННОМА
Низом Қосим бори сеюм раис шуд с.6

ТУҲФАИ ТРАМП
Шаръ низ бо ДИИШ мубориза мебарад с.4

АЗ ДУШАНБЕ ТО ВАШИНГТОН
Иқтисоди Тоҷикистон рӯ ба сармояи Амрико меорад с.7

УСТУВОНАИ КУРУШИ КАБИР
Чист он? Чаро ЮНЕСКО ба он таваҷҷуҳ кард? с.8

ФОҶИА
Ҷанҷоле, ки боиси марги ноболиғ шуд с.11

ҶАББОРОВ:
Дигар табаддулот намешавад с.4



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



МАРКАЗИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ВКД

Бахшида ба Рӯзи милитсияи тоҷик дар шаҳри Душанбе чандин иншооти муҳим ба истифода дода шуданд. Ифтитоҳи расмии онҳо бо ҳузури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ сурат гирифт.



ҚИСМИ ҲАРБИИ 3502 ВА МАРКАЗИ ИННОВАТСИОНИИ ВКД

Нахуст Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ қисми ҳарбии 3502-и Қӯшунҳои дохилӣ ва маркази нави инноватсионии Вазорати корҳои дохилӣ - маркази омодасозии мутахассисони ҷавон бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва дронҳоро расман ифтитоҳ намуданд.

Маркази нав бо маҷмуи бинову иншооти муосир барои тақвияти амният, рушди инноватсия ва омодасозии кадрҳои ҷавон дар сохтори ВКД хизмат хоҳад кард.

Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, бозидиди Пешвои миллат аз бинои шуъбаи махсуси зудамали қисми ҳарбӣ оғоз гардида, дар ҷараён ба ҳайати шахсӣ дастурҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани омодагии ҷангӣ дода шуд.

Бинои нави шуъбаи махсуси зудамали қисми ҳарбӣ аз ду ошёна иборат буда, дорои хобгоҳ, ҳуҷраҳои кориву санитарӣ, китобхона, ҳуҷраи нигоҳдории аслиҳа ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Иншоот бо тарҳи муосир бунёд гардида, барои ҳайати шахсӣ шароити мусоиди хизмативу корӣ фароҳам овардааст.

Ҳамзамон, Пешвои миллат бо фаъолияти маркази нави инноватсионии ВКД шинос шуданд. Дар ин ҷо мутахассисон пас аз хатми курсҳои омӯзишӣ бо истифода аз хати нави технологӣ, дастгоҳу таҷҳизоти муосир ва ҳавопаймоҳои хурди бесарнишин (дронҳо) барои корҳои иктишофӣ ва назоратӣ омода мегарданд.

240 ХОНА БАРОИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ МИЛИТСИЯ

Дар қисми ҳарбии 3502-и Қӯшунҳои дохилӣ ба таври фосилавӣ биноҳои нави истиқоматӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва шаҳри Хуҷанд ва ду бинои нави Хадамоти давлатии оташнишонӣ дар ноҳияи Бобочон Ғафурови вилояти Суғд ва ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ифтитоҳ ёфтанд. Бо мавриди истифода қарор гирифтани 3 бинои баландошёнаи истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Хуҷанд 240 корманди мақомоти корҳои дохилӣ бо манзили нави истиқоматӣ таъмин шуданд. Бинои нави истиқоматӣ дар кӯчаи Садриддин Айнии пойтахт бо тарҳи муосир сохта шуда, аз 5 ошёна ва 32 хонаи 1, 2 ва 3-ҳуҷрагӣ иборат аст.

Иншооти дуюми истиқоматӣ дар кӯчаи Аҳмади Дониши ноҳияи Шоҳмансури пойтахт бунёд ёфтааст, ки дар он барои зист ва истироҳати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ шароити хуб фароҳам шудааст. Бино аз 18 ошёна ва таҳхона иборат буда, барои таъмини 128 кормандишуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо манзили нави зист пешбинӣ гардидааст.



Бинои истиқоматӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар кӯчаи Ҳаким Карими шаҳри Хуҷанд аз 10 ошёна ва 80 хонаи истиқоматӣ иборат мебошад. Корҳои сохтмониро дар ҳар се бинои нав дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд кормандону мутахассисони Раёсати сохтмони Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ба анҷом расонидаанд. Биноҳои нави Хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд бо тарҳи якхела сохта шудаанд.

БИНОИ НАВИ ШУЪБАИ ВКД №1 ДАР НОҲИЯИ СИНО

Ҳамчунин, бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бинои нави шуъбаи ВКД №1 дар ноҳияи Сино ба истифода дода шуд. Бино аз таҳхона ва панҷ ошёна иборат буда, дорои 64 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳи дорои 240 ҷойи нишаст, синфхонаҳои таълимӣ ва китобхонаи замонавӣ мебошад. Дар гирду атрофи он майдони сафороӣ, таваққуфгоҳ ва дигар иншооти ёрирасон сохта шудаанд.

Зимни суҳбат бо ҳайати шахсӣ, Сарвари давлат таъкид намуд, ки кормандони милитсия бояд ҳамеша ҳушёру зирак, донишманду масъулиятшинос бошанд ва барои пешгирии ҳар гуна ҳолатҳои ногаҳонӣ омодагӣ дошта бошанд.

Дар анҷом ба шуъбаи ВКД нақлиёти нави хизматӣ супурда шуд.

ПОСДОРИ ОРОМИВУ СУБОТ


Ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон кормандон ва собиқадорони мақомоти корҳои дохилиро табрик намуда, саҳми онҳоро дар таъмини амният ва ҳифзи суботи ҷомеа баланд арзёбӣ кард. Сарвари давлат зикр намуд, ки кормандони милитсия дар солҳои аввали Истиқлол бо вуҷуди мушкилоти моддиву техникӣ содиқона ба Ватан хизмат кардаанд.

«Кормандони милитсия посдори оромиву суботи ҷомеа ҳастанд. Дар шароити муосир, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва қочоқи маводи мухаддир рӯ ба рӯ аст, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд ҳамеша зираку омода бошанд»,- таъкид намуд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти кишвар изҳор дошт, ки давлат ва Ҳукумат барои таҳкими заминаҳои моддиву техникӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва беҳтар намудани шароити хизматӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоянд.

ҲАЗОРОН СОҲИБКОР ФАЪОЛИЯТАШОНРО ҚАТЪ КАРДААНД. ЧАРО?

Ба гузориши Агентии омори Тоҷикистон, аз 810 ҳазор ширкату соҳибкори инфиродӣ, ки дар "Равзанаи ягона"-и Кумитаи андоз сабт шудаанд, зиёда аз 400 ҳазори онҳо фаъолияташонро қатъ кардаанд. Мақомоти кишвар ҳанӯз сабаби онро шарҳ надодаанд…



Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи сармоягузорӣ тобистони имсол дар нишасти хабарӣ сабаби қатъи кори соҳибкоронро тағйири самти фаъолияташон номида буд.

"Аслан қисми зиёди онҳо аз як намуди соҳибкорӣ ба тарзи дигари соҳибкорӣ мегузаранд. Албатта, баъзе соҳибкороне ҳастанд, ки солҳои зиёд кор намекунанд ва барҳамхӯрии корхонаҳо ҳам як вақти муайянро мегирад. Дар маҷмуъ, мо бояд коре кунем, ки барҳамхӯрӣ камтар шавад",- шарҳ дод ӯ.

Вале соҳибкорон дахолат дар фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар омилҳоро низ боиси қатъи фаъолияташон арзёбӣ мекунанд.

Дар баробари ин, тибқи иттилои расмӣ, дар шаш моҳи аввали имсол каме бештар аз 23 ҳазор соҳибкори инфиродиву шахсони ҳуқуқӣ ба кор сар кардаанд.

Аз 10-уми январи имсол санҷиши соҳибкорон ба муҳлати ду сол (ба ҷуз мақомоти андоз) манъ шудааст. Дар гузашта низ мақомот борҳо аз пешниҳоди имтиёзу сабукӣ ба соҳибкорон хабар додаанд, вале соҳибкорон бахраҳои баланди бонкӣ, вуҷуди фасоди молӣ, набудани шаффофияту рақобати солим, инҳисор ё монополияи соҳаҳои сердаромад ва молиёти баландро аз мушкилоту монеаҳо номбар мекунанд.



АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар 9 моҳи соли равон истеҳсоли семент дар Тоҷикистон афзоиш ёфтааст.

Бино ба иттилои Оҷонсии омори Тоҷикистон, дар ин давра дар кишвар зиёда аз 3,7 миллион тонна семент тавлид шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз 500 ҳазор тонна ё қариб 16 дарсад зиёд будааст.

Афзоиши истеҳсоли семент дар ҳолест, ки содироти ин маҳсулот ба Ӯзбекистон мушкил шудааст. Мақомоти гумруки Ӯзбекистон аз соли 2024 барои воридоти ҳар тонна семент аз Тоҷикистон 300 доллар талаб мекунанд. Пештар чунин пардохт ҳамагӣ 35 доллар буд.

Аммо бо вуҷуди афзоиши истеҳсолот ва маҳдудиятҳо барои содир намудани он ба хориҷ, нархи як халта семент дар бозори масолеҳи сохтмонӣ ба 55 сомонӣ баробар аст.

Солҳои охир дар Тоҷикистон асосан бо сармояи Чин чанд корхонаи бузурги тавлиди семент бунёд шуданд, ҳарчанд нигарониҳо дар бораи зарари ин корхонаҳо ба муҳити зист ҷой доранд.



САРИ САБЗ



Гулҷаҳон БОБОСОДИҚОВА, ходими давлатӣ

- Телефонам ором намегирад ва ҳар лаҳза ёру дӯстон занг зада, ба мавлудам табрик мекунанд. Паёмҳои зиёд ҳам омадааст, ки фурсат даст надод, то посух гардонам. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам борони табрикот мерезад. Аз ҳамаашон сипосгузорам!

- Табрикоти хушку холӣ - бе туҳфаи моро ҳам қабул фармоед, муаллимаи азиз! Агар танзим намебуд, шояд бо борандагони табрикот як базми хубу хотирмон ташкил мекардем.



Шоҳин МУРОДОВ, фуд-блогер

- Ман ҳамеша кӯшиш мекунам, ки хӯроки зиёд омода кунам, зеро мехоҳам ҳарчи бештар одамон тановул кунанд. Хӯрокҳои омодакардаамро дар баробари аҳли оила, боз ба ҳамсояҳо ва хешу табор тақсим мекунам.

- Бо ин кӯшишатон боз сабаби пурхӯр шудани одамон нагардед? Барои он ки шуморо бо чунин ҷурм гунаҳгор накунанд, беҳтараш хӯрокро камтару тақсимот ба ҳамсояҳо ва хешу таборро бештар намоед.



Марям ИСОЕВА, тарроҳ ва рассом

- Ҳунарманд бо донистани як-ду ҳунар наметавонад муваффақ шавад. Масалан, барои тарроҳ на танҳо дӯзандаи хуб, балки рассоми моҳир низ бояд буд. Барои ҳамин, кӯшиш кардам ҳарчи бештар ҳунар омӯзам.

- Иии, о, ин мисли ҳамон танзи "худам менависам, худам оҳанг мебандам, худам месароям" мешавад ку! Магар имкон нест, ки як нафар тарроҳ ҳамкорони дӯзандаву рассом дошта бошад?

Ҷабборов: Дигар табаддулот намешавад!

Содир Ҷабборов, президенти Қирғизистон гуфтааст, ки дигар ба табаддулот дар кишвараш роҳ нахоҳад дод. Ӯ ин ҳарфро дар саҳифаи фейсбукиаш ҳангоми посух додан ба суоли сокинон гуфтааст.



Ҷабборов шашумин президенти Қирғизистон дар беш аз сӣ соли замони истиқлоли ин кишвар аст. Раҳбарони пешини ин кишвар дар пайи эътирози сокинон барканор шуда буданд. Содир Ҷабборов низ пас аз барканории Сооронбой Ҷеэнбеков дар пайи эътирозҳои охири соли 2020 моҳи январи соли 2021 президент интихоб шуд. Ӯ гуфтааст: "Ба табаддулот роҳ намедиҳем. Якум ин ки, мо баҳонае барои табаддулот намедиҳем. Дуюм, давлат мисли гузашта заиф нест. Давлат ҳоло қавӣ аст. Сеюм ин ки, мардум медонад киро биронад ва киро бимонад".

Трамп аз ВВС 1 млрд доллар мехоҳад

Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико барои баргардонидани шаъну шараф ва обрӯи худ хостори як миллиард доллар товон аз шабакаи хабарии Би-би-сӣ шудааст.



Би-би-сӣ муттаҳам шудааст, ки суханони Доналд Трампро пеш аз ҳодисаи юриши мардум ба бинои Конгресс дар моҳи январи соли 2021 ба таври нодуруст нашр кардааст. Вакилони Трамп то рӯзи ҷумъа муҳлат додаанд, ки Би-би-сӣ мустанади нашршударо ҳазф кунад, маъзарат бихоҳад ва ба хотири латма задан ба обрӯи президенти Амрико товони муносибе бипардозад. Дар пайи ин ҷанҷол, раиси умумии Би-би-сӣ ва раиси бахши нашароти ин шабака истеъфо доданд.

КАБАР АР



РУСИЯ СИЛОҲИ ҲАСТАИРО БА КОР МЕДАРОРАД?

Вазири дифои Русия пешниҳод кардааст, ки Маскав омодагиҳоро барои озмоиши силоҳи ҳастаӣ фавран оғоз кунад. Андрей Белоусов 5-уми ноябр дар ҷаласаи Шурои амнияти Русия гуфт, ки ин озмоиш посух ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аст.

Ба гуфтаи Белоусов, Амрико аз тавофуқҳо барои коҳиши таслиҳот берун шуда, барои сохтани мушакҳои нави қорапаймо бо кулоҳаки ҳастаӣ кор мекунад.

Владимир Путин ба вазоратҳои корҳои хориҷӣ, дифоъ ва мақомоти амниятӣ дастур дод, ки пешниҳодҳои худро барои омодагӣ ба озмоиши силоҳи ҳастаӣ ироа кунанд.

Доналд Трамп охири моҳи октябр ба Вазорати ҷанги Амрико дастури азсаргирии фаврии озмоиши силоҳи ҳастаиро дода буд. Ин тасмим бо вокунишҳое дар сатҳи ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ шуд.

Трамп сабаби чунин тасмимро "барномаҳои озмоишии дигар кишварҳо" донист ва анҷоми ин озмоишҳоро "зарурӣ" гуфт, то Амрико аз рақибони ҳастаиаш ақиб намонад.

Иёлоти Муттаҳида аз соли 1992, Русия аз соли 1990 ва Чин аз соли 1996 озмоиши силоҳи ҳастаӣ анҷом надодаанд.

СОКИНОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ЧӢ ҚАДАР УМР МЕБИНАНД?

Боре ба худ суол додаед, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ одамон чӣ қадар умр мебинанд? Чӣ қадар сокинони ин кишварҳо умри беш аз якасра доранд?

Пас, матлаби моро мутолиа кунед.

Қазоқистон

Дар Қазоқистон айни замон 448 нафар аз 100 сол боло умр доранд. Калонсолтарин сокини Қазоқистон зани 115-сола аз вилояти Улитау мебошад. Шумораи зиёди дарозумрон дар ин кишвар дар шаҳри Алмаато ба қайд гирифта шудааст - 58 нафар.

Ӯзбекистон

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 дар Ӯзбекистон 514 шаҳрванди синнашон 100-сола ва аз он боло иқомат мекунанд, ки 110 нафарашон мард ва 404 танашон зан мебошанд. Бештари онҳо дар вилояти Қашқадарё зиндагӣ мекунанд - 92 нафар.

Қирғизистон

Дар Қирғизистон 300 нафари синнашон аз 100-сола боло зиндагӣ мекунанд.

Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон 415 касе зиндагӣ мекунанд, ки синнашон аз 100-сола боло мебошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, давомнокии миёнаи умр дар Тоҷикистон 76,6 солро ташкил медиҳад.

АҲМАД ШАРЪ ДАР ИМА

Аз туҳфаи Трамп то мубориза бо ДИИШ

Раисҷумҳури муваққатии Сурия Аҳмад аш-Шаръ дар мулоқоташ бо раисҷумҳури ИМА Доналд Трамп дар Кохи Сафед аз ӯ туҳфа - кулоҳе бо ихтисораи MAGA («Make America Great Again» - «Бигзор Амрико боз бузург шавад»)-ро гирифт. Кулоҳҳои монанд дар мағозаи расмии Трамп бо нархи 55 доллар фурӯхта мешаванд. Дар ин бора роҳбари Сурия дар мусоҳиба бо шабакаи телевизионии Fox News хабар дод.



Аҳмад аш-Шаръ ҳамчунин изҳор намуд, ки стратегияи нави рушди Сурия бар пояи ҳамкорӣ бо Вашингтон асос хоҳад ёфт. Ба гуфтаи раисҷумҳур, ҳоло Сурия «иттифоқчии ҷуғрофиёсиёсии Иёлоти Муттаҳида ва кишварест, ки Амрико метавонад дар он лоиҳаҳои бузурги сармоягузориро амалӣ кунад», бахусус дар соҳаи истихроҷи газ.

Роҳбари нави Сурия 9-уми ноябр бо сафари расмӣ ба Вашингтон омад ва рӯзи дигар бо Трамп мулоқот кард. Дар ин дидор сиёсатмадорон дар бораи мубориза муштарак алайҳи терроризм, аз ҷумла гурӯҳи «Давлати исломӣ» (ташкилоти террористии фаъолияташ дар Тоҷикистон мамнуъ,- ред.) ба тавофуқ расиданд. Аҳмад Шаръ, президенти муваққатии Сурия бори нахуст бо сафари расмӣ ба Вашингтон сафар кард.

Соле пеш Аҳмад Шаръ бештар бо номи Абумуҳаммад Ҷулонӣ, раҳбари гурӯҳи "Ҳайат Таҳрир аш-Шом" шинохта мешуд, ки дар аксар кишварҳои ҷаҳон онро созмони террористӣ медонистанд. Аз ҷумла, Амрико ӯро дар фехрасти афроди хатарнок ҷой дода, барои пайдо кардани 10 миллион доллар ҷоиза ваъда карда буд.

Пеш аз сафараш ба ИМА бо пешниҳоди ҳукумати Амрико Созмони Милали Муттаҳид ӯро аз фехрасти таҳримҳо берун кард.

Майкл Уолтс, сафири ИМА дар Созмони Милали Муттаҳид гуфт, қабули ин санад "ишораи қавӣ ба он аст, ки Сурия вориди марҳилаи нави таърихӣ шудааст".

Аҳмад Шаръ моҳи декабри соли 2024 Башшор Асадро аз қудрат барканор кард ва идораи ин кишварро бар уҳда гирифт.

То соли 2024, беш аз 53 сол Сурияро хонаводаи Асад идора мекард. Башор Асад соли 2000-ум қудратро аз падараш Ҳафиз Асад мерос гирифт. Падари ӯ аз соли 1971 ҳокими Сурия буд. Аксари созмону кишварҳои ҷаҳон Башор Асадро таҳрим карда, бо ин кишвар робита надоштанд, вале пас аз барканории ӯ бархӯрди кишварҳои ҷаҳон бо ин кишвар тағйир кард.

Бад-ин тартиб, Аҳмад Шаръ аввалин раҳбари Сурия аст, ки ба Амрико сафар мекунад.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки дар мулоқоти Аҳмад Шаръ ва Трамп мавзуи бардоштани таҳримҳо матраҳ шудаанд. Мавзуи дигаре, ки дар ин сафар ба миён хоҳад омад, одисозии равобити Сурия ва Исроил аст.

Исроил пас аз сари қудрат омадани Аҳмад Шаръ борҳо Сурияро бомбборон кард, вале ин кишвар ҳеч гоҳ ба ҳамлаҳо посух надод. Аҳмад Шаръ борҳо таъкид кард, ки хоҳони равобити хуб бо кишварҳои минтақа аст ва намехоҳад Сурия дубора вориди ҷанге шавад.

Аҳмад Шаръ раҳбари гурӯҳи "Ҳайат Таҳрир аш-Шом" буд, ки дар гузашта бо созмони террористии "Ал-Қоида" робита дошт, вале баъдан аз он ҷудо шуда, муқобили он ҷангид.

Ин гурӯҳ, ки аз соли 2015 шаҳри Идлиби Сурияро дар ихтиёр дошт, охири моҳи ноябри соли 2024 ҳамлаи густардае алайҳи неруҳои Башор Асадро оғоз кард. Рӯзи 8-уми декабр артиши ҳукумати Башор Асад таслим шуд ва худи ӯ аз кишвар фирор кард. "Ҳайат Таҳрир аш-Шом" бо раҳбарии Абумуҳаммад Ҷулонӣ назорати Димишқро дар ихтиёр гирифтанд.

Онҳо ба ҳукуматдории беш аз 50-солаи хонаводаи Асад, ки бо зулму ситам ба мардум ном бароварда буд, поён доданд. Ҳоло намояндаҳои аксари кишварҳои дунё бо "Ҳайат Таҳрир аш-Шом" робита барқарор кардаанд.

КОҲИШИ ТАЛАФОТИ НЕРӮИ БАРҚ

Мақомоти тоҷик мегӯянд, ки баъд аз ҷорӣ шудани ҷазои ҷиноятӣ барои истифодаи ғайриқонунии барқ талафоти нерӯи барқ кам шудааст. Барои дуздӣ ё истифодаи ғайриқонунии нерӯи барқ имсол дар Тоҷикистон аз 27 ҳазор сомонӣ ҷарима то 10 сол зиндонро пешбинӣ карданд.

Бино ба иттилои ниҳоди навтаъсиси Оҷонсии назорати давлатии энергетикӣ, дар 9 моҳи соли равон сарфи беҳудаи нерӯи барқ қариб се дарсад коҳиш ёфтааст.

Кормандони ин ниҳод якҷоя бо Додситонии шаҳри Душанбе рӯзи 11-уми ноябр дар хиёбонҳои шаҳр ҳамчунин ба сокинон тарзи истифодаи сарфакоронаи нерӯи баркро фаҳмонида, аз онҳо даъват кардаанд, ки баркро беҳуда истифода набаранд.

Ин даъват дар шабу рӯзе сурат мегирад, ки сокинони чанд гӯшаи пойтахт аз он шикоят доранд, ки соатҳо барқ надоранд.

Баъзе аз сокинон, аз ҷумла дар ноҳияи Сино, мегӯянд, зоҳиран дар хонаҳои онҳо ҳам лимити барқ ҷорӣ шудааст ва чанд рӯз боз аз соати 9-и субҳ то 5-6-и бегоҳ бе барқ мемонанд.

Мақомот камбуди баркро дар пойтахти кишвар шарҳ надодаанд.



АЗ ДЕҲЛӢ БА МАШҲАДУ КИШ

Парвозҳо дар ин масирҳо меафзояд

Теъдоди парвозҳо аз шаҳри Душанбе ба Деҳлӣ - пойтахти Ҳиндустон ва Машҳаду Киш - ду шаҳри бузурги Эрон меафзояд.



ДУШАНБЕ - ДЕҲЛӢ

Ширкати “Сомон Эйр” шуруъ аз моҳи декабр шумораи парвозҳо дар масири Душанбе - Деҳлӣ (Ҳинд)-ро зиёд мекунад.

Тавре ин ширкат иттилоъ додааст, акнун парвозҳо ҳафтае ду маротиба - рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе анҷом дода мешаванд.

Инчунин, барои мусофироне, ки бо мақсади тиҷорат ва саёҳат байни Тоҷикистону Ҳиндустон равуо мекунанд, парвози иловагӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳоло дар ин масир ҳафтае як маротиба парвоз анҷом меёбад. Арзиши билет барои як нафар 2 ҳазору 495 сомонӣ буда, парвоз тариқи ҳавопаймои “Боинг 737-800” анҷом мешавад.

Қаблан Ҳабибулло Назарзода, раиси Оҷонсии ҳавонавардии кишвар гуфта буд, ки шумораи парвозҳо дар масири Душанбе - Деҳлӣ се маротиба дар як ҳафта афзоиш дода мешавад.

ДУШАНБЕ - МАШҲАД

Ширкати ҳавопаймоии эронии “Раймонд Эйрлайнз” парвозҳои навро дар масири Машҳад - Душанбе - Машҳад оғоз мекунад. Ин тасмим дирӯз, 11-уми ноябр дар мулоқоти Ҳабибулло Назарзода, роҳбари Оҷонсии ҳавонавардии Тоҷикистон ва Ҳусейн Пурфарзона, президенти маъмурияти Оҷонсии ҳавонавардии Эрон гирифта шудааст.

Ба иттилои Оҷонсии ҳавонавардии Тоҷикистон, ин ширкати эронӣ парвозҳои худро дар масири Машҳад - Душанбе - Машҳад 19-уми ноябри соли равон оғоз мекунад ва парвозҳо дар ин самт ҳафтае ду маротиба сурат мегиранд.

Ҳоло замон ва тафсилоти дигари ин парвозҳо маълум нест.

Ҳамчунин, дар мулоқот густариши ҳамкориҳои ду ҷониб дар соҳаи ҳавонавардӣ, аз ҷумла зиёд намудани шумораи парвозҳо ва ифтитоҳи хатсайрҳои нави ҳавоӣ дар самтҳои Киш - Душанбе, Киш - Хуҷанд ва Шероз - Душанбе баррасӣ шудаанд.

Ба иттилои манбаъ, аз 28-уми ноябри соли равон оғози парвозҳои чартерии ширкати ҳавопаймоии “Киш Эйрлайнз” дар хатсайри Киш - Душанбе - Киш низ ба нақша гирифта шудааст.

КОР ДАР ГУРҶИСТОН

Маош чӣ қадар ва талабот чӣ гуна аст?

Вазорати меҳнати Тоҷикистон шаҳрвандони кишварро ба кор дар самти бурдарасонӣ (доставка) дар Гурҷистон даъват кардааст. Ин ниҳод гуфтааст, ки музди кор дар як соат беш аз 6 доллар (ҳудуди 58 сомонӣ) аст.

Аммо, ба қавли манбаъ, хариди билет, хӯрок ва ҷои зист аз ҳисоби худи коргар пардохт карда мешавад.

Хоҳишмандон дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба муддати як сол дар ин кишвар фаъолият карда метавонанд.

Талабот:

- аз 18 то 45 сол доштан;

- надоштани доғи судӣ;

- доштани шаҳодатномаи ронандагӣ (категорияҳои А ва В).

Вазорати меҳнат гуфтааст, ки хоҳишмандон барои бақайдгирӣ ба “Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ” воқеъ дар кӯчаи Садриддин Айнӣ 121 дар шаҳри Душанбе мурочиат карда метавонанд.



Рақамҳо барои тамос: 225-05-75, 225-02-21, +992938131372 (WhatsApp)

РЕЗААХБОР

Рӯзҳои 13 ва 14-уми ноябр дар шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии Маҷмаи байнипарлумонии кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил баргузор мегардад. Дар ин ҷаласа ҳайатҳои парлумони Тоҷикистон, Русия, Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ширкат мекунанд.

***

12-уми ноябр дар «Боғи Куруши Кабир»-и Душанбе кӯчаи сайёҳии ба номи Куруши Кабир ифтитоҳ гардид. Дар ин мавзеъ давоми як моҳ аз соати 11:00 то соати 22:00 намоишгоҳи муштараки Тоҷикистон ва Эрон баргузор мешавад. Дар хиёбони мазкур фурӯши маҳсулоти гуногуни ҳунарҳои мардумии ду кишвар, аз ҷумла заргарӣ, гулдӯзӣ, кулолгарӣ, чакандӯзӣ, қолинбофӣ, наққошӣ ва косибӣ ҷараён дошта, ширкатҳои сайёҳӣ ва таомҳои миллии ду кишвар низ муаррифӣ мешаванд.

***

Танҳо Суғд ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ нақшаи даъвати ҳарбиро ичро накардаанд: Суғд 89% ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 95%.

ВМКБ, вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе нишондиҳандаро пурра ичро кардаанд. Вазорати дифоъ мегӯяд, ки нақша дар тамоми кишвар дар 40 рӯз 96% ичро шудааст.

***

Дар Душанбе намоишгоҳи байналмилалии “Тоҷикистон-2025” баргузор мешавад. Ин чорабинӣ аз 13 то 15-уми ноябр дар Маркази “ЭКСПО”-и Душанбе сурат гирифта, дар он ширкатҳои Тоҷикистон, Эрон, Русия, Покистон, Беларус, Ҳиндустон ва Чин маҳсулоту хидматрасониашонро муаррифӣ мекунанд. Дар ин бора Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон иттилоъ медиҳад.

***

Рӯзи 11-уми ноябр дар доираи Ҳамоиши байналмилалии сармоягузории “Хатлон Инвест-2025”, ки дар шаҳри Бохтар ҷараён дорад, ба 14 бонуи соҳибкори вилояти Хатлон грантҳои раиси вилоят тақдим гардиданд. Гуфта мешавад, ки ҳар як бонуи соҳибкор вобаста ба лоиҳаи худ аз 15 то 20 ҳазор сомонӣ кумаки молиявӣ дарёфт кардааст.

ТАҒЙИРОТ ДАР ОИННОМА

Низом Қосим бори сеюм раиси Иттифоқи нависандагон шуд

11-уми ноябри соли 2025 Анҷумани XVI Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (ИНТ) баргузор шуд. Дар ҷараёни анҷуман ба Оинномаи ИНТ тағйирот ворид шуда, тибқи он Низом Қосим бори сеюм раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гардид.



Мувофиқи оинномаи қаблӣ, як шахс наметавонист беш аз ду давра раиси иттиҳодия бошад, аммо бо тағйири нави оиннома ин маҳдудият бардошта шуд. Низом Қосим нахустин бор соли 2015 ва дубора соли 2020 раиси Иттифоқи нависандагон интихоб шуда буд.

Ӯ 67-сола буда, факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро бо ихтисоси филолог-журналист хатм кардааст. Солҳои 1979-2006 ба сифати мухбир ва мудири шуъбаи рӯзномаҳо, ходими маҷаллаи «Садои Шарқ», корманди Идораи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагон, муҳаррири нашриёти «Адиб» кор кардааст.

Солҳои 2006-2010 директори Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - «Баҳористон», солҳои 2010-2015 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯйхати ҲХДТ) буд.

Муаллифи китобҳои ашъори «Хӯшаи шеър», «Хуни ситора», «Паровар», «Қаламҳой», «Барги саломи сабз», «Маҳвора дар гаҳвора» «Чорсӯ», «Оташи тасвир» ва ғайра мебошад. Номбурда асарҳои саҳнавӣ низ менависад. «Тилгиром», «Амир ва асир» (манзум), «Борони ашк» («Курӯш ва Куруз»), «Абадзинда», «Ганҷи дил» (манзум), «Борбад» (манзум) аз он ҷумлаанд. Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шоири халқии Тоҷикистон аст.

Ҳамчунин, дар анҷуман як қатор тағйироти кадрӣ сурат гирифт. Толиби Луқмон ба вазифаи муовини аввали раиси ИНТ интихоб гардид. Ӯ қаблан вазифаи сармуҳаррири ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат”-ро ба уҳда дошт ва дар ин вазифа Ато Мирхоҷаро иваз намуд.



Толиби Луқмон 35 сол дошта, соли 2012 факултети журналистикаи ДМТ-ро хатм кардааст. Шеърҳояш дар матбуоти даврии кишвар нашр шудаанд. Ӯ соҳиби ду дафтари ашъор - «Сафар ба сӯи тулуъ» ва «Пагоҳ» мебошад. Аз соли 2012 узви ИНТ аст. Дорандаи ҷоизаи адабии «Падида» ва Кумитаи ҷавонон ва варзиш дар соҳаи адабиёт мебошад.



Сирочиддин Икромӣ, ки муовини раиси Иттифоқи нависандагон интихоб шуд, 61-сола мебошад ва факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро хатм кардааст. Аз соли 2017 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Номбурда муаллифи маҷмӯаи ашъор ва қиссаву ҳикояҳои “Ошёни меҳр” “Дар ҳасрати дидор”, “Баъди борон”, “Як қадам то варта”, “Аз зулмот ба сафо”, “Вақте ки насиб накард”, “Боздошти муҳоҷир” аст. Дар Озмуни китоби сол ду китоби адиб - “Боздошти муҳоҷир” ва “Подош” солҳои 2018 ва 2020 дар бахши наср сазовори ҷойи аввал дониста шуданд. Даҳ филмро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Ҳамчунин, **Абдуллоҳ Раҳнамо** сармуҳаррири нави “Адабиёт ва санъат” интихоб шуд.

Ато Мирхоҷа, ки аз соли 2015 то кунун муовини аввали раиси ИНТ буд, ба вазифаи сармуҳаррири маҷаллаи “Садои Шарқ” гузашт. Ӯ дар ин вазифа Рустам Ваҳҳобзодаро иваз кард.


Дар ҷараёни анҷуман ҳисоботи панҷсолаи фаъолияти Иттифоқ аз ҷониби Низом Қосим ва комиссияи тафтишот низ шунида шуд.

Ёдовар мешавем, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон соли 1934 таъсис ёфтааст. Дар даврааҳои гуногун онро шахсиятҳои маъруфи адабиёт - Абулқосим Лоҳутӣ, Саид Носиров, Нодир Шанбезода, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Аскар Ҳаким, Меҳмон Бахтӣ ва Низом Қосим роҳбарӣ кардаанд.

Камолиддини ҲАННОНӢ

ЯК ЛАҲЗА ДИДОР БО УСТОД АЙНӢ





Соли 1950 ман дар синфи шаши мактаби ҳафтсолаи ба номи Энгелси қишлоқи Теми ноҳияи Шуғнон (ҳоло шаҳри Хоруғ) таҳсил мекардам. Ман фақат бо баҳои хубу аъло мехондам ва ҳамчунин ахлоқи намунавӣ доштам. Пионери фаъол будам. Шояд ҳамин сабаб шуд, ки маро аз байни талабагони зиёде вакили слёти умумиҷумҳуриявӣ интихоб намуданд. Ман ҳамроҳ бо 12 пионери дигар аз ноҳияҳои гуногуни вилоят озими шаҳри Сталинобод (Душанбеи имрӯза) шудам. Ёд дорам, дар самолёти Ил-12 парвоз мекардем. Дар чашмони мо - талабагони синфи 6-7 Сталинобод хеле бузург метофт. Аз хурсандӣ дар пӯстамон намеғунҷидем. Моро дар меҳмонхонаи Вахш, ки он замон ягона ва зеботарин бинои муосир буд, ҷо доданд. Слёт рӯзи дигар сар шуд. Он дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе таҷлил шуд.

Дар слет аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ намояндагон буданд. Вале вақте ман дар президиум устод Айнии зиндаро дидам, хеле ба ваҷд омадам. Наход ҳамин кас устоди бузург бошанд? Ҳатто ба чашмонам бовар намекардам.

Ба ман аз номи вакилони Бадахшон сухан доданд. Баромади ман кӯтоҳ, вале бурро буд. Ман шахси чорум будам, ки баромад мекардам. Ман ба забони тоҷикӣ баромад кардам. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти пионерони Помир ҳикоя карда, гуфтам, ки чӣ тавр ба колхозҳо ёрдам мекунем, чӣ тавр мехонем ва ғайра. Вақте суханро тамом кардам, устод Садриддин Айнӣ, ки дар президиум менишаст, маро ба наздаш даъват кард. Аҷиб, ки баромадкунандагони пешинро ба сӯяш нахонда буд. Дар президиум ба ғайр аз ӯ Бобоҷон Ғафуров - котиби КМ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ - шоир, Раҷабов Султон - котиби КМ комсомоли республика низ менишастанд. Ман бо қалби пур аз таппиш наздаш нишастам. Дар назарам чунин метофт, ки садои таппиши диламро ҳамагон мешунаванд. Ман суп-сурх шуда будам. Меларзидам. Ҳеҷ тасаввур намекардам, ки чунин шахси бузург маро ба наздаш даъват мекунад.

Устод Айнӣ маро дар наздаш нишонда, пурсид:

- Китобҳоямро хондай?

- Бале!,- гуфтам ман сарамро хам карда.

- Кадомҳояшро?

- «Ятим», «Мактаби кӯҳна» ва «Одина»-ро.

- Офарин! Бисёр ҷолиб аст, ки дар Бадахшон низ асарҳои маро мехонанд.

- Ту онҳоро ба кадом забон мутолиа кардӣ?

- Ба тоҷикӣ.

- Харро ба забони шуғнӣ чӣ мегӯянд?,- пурсид устод.

- Маркаб,- ҷавоб додам ман.

- Забони шумо адабӣ будааст-ку,- изҳори таҳайюр кард устод Айнӣ.

Сипас пурсид, ки падар ба забони шуғнӣ чӣ мешавад.

- Тат,- гуфтам ман.

- Модар чӣ?

- Нан.

- Ин калимаҳо дар “Авесто” ҳам ҳастанд!,- бо шавқ гуфт устод.

Дар маҷмуъ, ман ҳудуди чил дақиқа дар паҳлуи устод будам. Ин дақиқаҳо дар тақдири минбаъдаи ман нақши бузург бозӣ карданд.

Ин вохӯрӣ ба ман сахт таъсир расонд. Ман қавл додам, ки баъди хатми мактаби миёна ба факултаи филологияи тоҷик дохил мешавам ва аз пайи илми устод меравам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ман соли 1954 баъди хатми мактаби даҳсола шомили Университети давлатии Тоҷикистон шудам. Аҷиб ин буд, ки аз 50 нафар довталаби бадахшонӣ танҳо ман ба факултаи филологияи тоҷик дохил шуда тавонистам. Адабиёту забонро хеле хуб медонистам. Ва ин меҳрро дар дили ман устод Айнӣ ҷойгир карда буд. Шояд дар шомил шудан ба донишгоҳ ба ман арвоҳи устод, ки чанде пеш даргузашта буд, кумак кард.

Аз 50 нафар донишҷӯи бахши филологӣ танҳо ман бадахшонӣ будам.

Ман бо баҳои хубу аъло мехондам. Хеле хушбахт будам, ки ҳамсабақони бехтарин фарзандони халқи тоҷики аз гӯшаю канори мухталифи ҷумҳурӣ буданд. Ҳамкурсони ман доктори илмҳои филологӣ Баҳриддин Камолиддинов, номзади илмҳои филологӣ Сайфулло Саидов, луғатшинос Амон Нуров ҳастанд.

(Давомаш дар саҳ. 10)



АЗ ДУШАНБЕ ТО ВАШИНГТОН

Иқтисоди Тоҷикистон рӯ ба сармояи Амрико меорад

Дар доираи сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Амрико, дар шаҳри Вашингтон Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Амрико баргузор шуд. Дар форум намояндагони зиёда аз 70 ширкати амрикоӣ, мақомоти давлатӣ, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва соҳибкорони муваффақи ҳар ду кишвар иштирок намуданд. Ҳадафи асосии ин чорабинӣ таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ миёни Тоҷикистон ва Амрико мебошад.





МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМКОРИҲО

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон хабар дод, ки дар форум дар баробари роҳбарони сохторҳои давлатӣ доираҳои соҳибкориву сармоягузории Тоҷикистон, намояндагони Конгресс ва Вазорати тиҷорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, роҳбарони ширкатҳои Citi, Coca-Cola, Meta, SpaceX/Starlink, Nasdaq, Valmont, FLSmidth, Донишгоҳи Невада ва дигарон ширкат варзиданд.

Форум аз ҷониби Шурои тиҷоратии амрикоию тоҷикӣ (USTJBC) ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар чараёни мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои энергияи “сабз”, саноати коркард, масолеҳи сохтмонӣ, комплекси агросаноатӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ гардиданд. Аммо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ атрофи форум ва маблағҳои имзошуда маълумоти бештар ироа накардааст.

$3 МИЛЛИАРД ИМЗОИ СОЗИШНОМАҲО

Дар ҳамин маврид расонаҳои амрикоӣ навиштанд, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо ва мулоқотҳои дуҷониба миёни ширкатҳо ва ниҳодҳои расмӣ, тарафҳо як қатор созишномаҳои ҳамкорӣ ба маблағи зиёда аз 3 миллиард доллар ба имзо расониданд. Аз ҷумла, ширкати ҳавопаймоии “Сомон Эйр” бо ширкати маъруфи амрикоии “Boeing” шартнома имзо намуд. Тибқи он Тоҷикистон 14 ҳавопаймои навъи Boeing 787 Dreamliner ва 737 MAX харидорӣ хоҳад кард. Ин имкон медиҳад, то соҳаи нақлиёти ҳавоии кишвар бештар рушд намояд. Ҳамчунин, барои садҳо мутахассиси тоҷик ҷойҳои нави корӣ фароҳам мешавад.

Дар бахши технологияҳои муосир Тоҷикистон бо ширкати “Starlink” (SpaceX) созишнома ба имзо расонд. Ҳадафи он фарогири тамоми қаламрави кишвар бо интернети босуръати моҳворавӣ мебошад. Ба андешаи коршиносон, иқдоми мазкур барои рушди иқтисоди рақамӣ ва баланд бардоштани дастрасӣ ба иттилоот аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамчунин, бо ширкати “Transparent Earth” созишномаи ҳамкорӣ ба маблағи 32,5 миллион доллар баста шудааст. Татбиқи он имкон медиҳад, ки захираҳои табиӣ дар кишвар бо истифода аз технологияҳои моҳворавӣ самаранок таҳқиқу истифода шаванд.

Дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва рақамигардонӣ бо ширкатҳои Perplexity AI ва Zypl AI тавофуқ ҳосил гардид. Онҳо ба ниҳодҳои давлатӣ дар самти татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ мусоидат мекунанд.

Ширкати маъруфи Coca-Cola, ки солҳои зиёд дар Тоҷикистон фаъолият дорад, изҳор намудааст, ки ҳаҷми сармоягузории худро ба 9 миллион доллари иловагӣ афзоиш медиҳад. Ин ҳам нишонаи эътимоди сармоягузорони амрикоӣ ба иқтисоди кишвар аст.

БА ҶОЙИ ХУЛОСА

Коршиносон ба ин назаранд, ки сафари Президенти Тоҷикистон ба Амрико ва натиҷаҳои он қадами муҳим дар таҳкими шарикии стратегии ду кишвар ба шумор меравад. Зеро дар шароити рақобати афзояндаи иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ, ин иқдом метавонад ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Инчунин, барои ҷалби сармояи мустақим ва тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ бо Амрико замина фароҳам меорад. Махсусан, созишномаҳои ба имзо расида имкони густариши иқтисод, рушди инфрасохтор, татбиқи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои муосирро дар Тоҷикистон фароҳам меоранд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

ПОЯИ ЗИНДАГИИ МУСТАҚИЛ

маслиҳат ба волидону наврасон

Имрӯз иқтисод ва пул нақши муҳим дар ҳаёти ҳар инсон доранд. Бинобар ин, масъалаи омӯзиши маърифати молиявӣ барои наврасон ба яке аз муҳимтарин самтҳои тарбия табдил ёфтааст. Агар фарзандон аз овони ҷавонӣ бо пул муносибати дуруст дошта бошанд, оянда метавонанд мустақил ва муваффақ гарданд.

ПУЛ ЧИСТ?

Имрӯз бисёр наврасон пули ҷайбро танҳо барои хӯроки зудтайёр, бозича ё либоси мӯд сарф мекунанд. Аммо фаҳмидани он ки пул натиҷаи меҳнат аст ва онро бояд оқилона истифода бурд, як қадами аввал ба сӯи истиқлоли молиявӣ мебошад. Ба назари коршиносони соҳаи иқтисод, истиқлоли молиявӣ маънои онро дорад, ки шахс бояд маблағи худро идора кунад, масъулияти қарорҳои молиявиро ба ухда гирад ва тавонад ба ҳадафҳои зиндагӣ расад.

“Агар ин малакаҳо дар наврасӣ ташаккул ёбанд, шахс дар калонсолӣ ба мушкили қарз, сарфи бехисоб ё вобастагӣ аз дигарон дучор намешавад”,- мегӯяд иқтисодшинос Зулфия Ҳамидова.

ҚАДАМҲОИ АВВАЛ

Барои ба истиқлоли молиявӣ расидан, наврасон бояд чанд қадамро омӯзанд.

Якум, фаҳмидани арзиши пул. Пул натиҷаи меҳнат аст, на ҳадаф. Наврасон бояд донанд, ки ҳар як сомонӣ арзиши заҳмат дорад.

Дуюм, тартиб додани буҷет. Ҳар наврас метавонад аз пуле, ки волидон додаанд, нақшаи харочот ва пасандоз таҳия намояд. Қоида одӣ аст - 50% эҳтиёҷ, 30% хоҳиш, 20% пасандоз. Ин як намунаи хуби банақшагирӣ мебошад.

Сеюм, пасандоз ва гузоштани ҳадаф. Агар наврас ҳар моҳ як қисми пули худро захира кунад, метавонад орзуҳои худро худ амалӣ созад, аз ҳариди велосипед то пардохт барои таҳсили забономӯзӣ дар марказҳои омӯзишӣ.

Чорум, даромади ҳалол ва қонунӣ. Ба гуфтаи мутахассисони иқтисод, таҷрибаи аввалини корӣ дар синни ҷавонӣ, ҳатто агар муздаш кам бошад, эҳсоси масъулият ва ифтихори шахсиро ба вуҷуд меорад.

“Имрӯз наврасон метавонанд тавассути корҳои фаслӣ, ҳунармандӣ ё фриланс таҷрибаи воқеии иқтисодӣ ба даст оранд. Муҳим он аст, ки ин фаъолият қонунӣ, амн ва таҳти назорати волидон бошад”,- мегӯяд Зулфия Ҳамидова.

ОДАТИ ШАХСОНИ МУВАФФАҚ

Пасандоз на танҳо ҷамъ кардани пул, балки роҳи тарбия низ мебошад. Наврас, ки имрӯз 20 сомонӣ захира кунад, фардо мефаҳмад, ки чӣ гуна аз маблағи хурд ҳадафи калон сохтан имкон дорад. Дар бисёр кишварҳо мактабҳо барои наврасон ҳисобҳои махсуси пасандози бонкӣ мекушоянд, то онҳо таҷрибаи амалӣ гиранд. Мутахассисон ба ин назаранд, ки чунин таҷрибаро дар Тоҷикистон низ роҳандозӣ кардан мумкин аст.

ВОЛИДОН НАМУНА БАРОИ ОМӮЗИШ

Маърифати молиявӣ бояд аз оила ва мактаб оғоз ёбад. Волидон метавонанд ба фарзандон фаҳмонанд, ки пул чӣ гуна ба даст меояд ва чаро бояд онро эҳтиёткорона сарф кард. Дар баробари ин, мактабҳо метавонанд дарсҳои маърифати молиявӣ ё бозиҳои омӯзанда баргузор кунанд, то наврасон малакаи амалӣ пайдо намоянд.

Усмон РАҲИМЗОДА

6-уми ноябр, дар Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 43-юмин Конфронси умумии ЮНЕСКО дар шаҳри Самарқанд қатъномаи “Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ” қабул гардид. Ин қатънома аз сӯи Тоҷикистон ва Эрон пешниҳод шуда, ба гуфтаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон “аҳамияти таърихӣ ва маънавии “Устувонаи Куруш”-ро ҳамчун яке аз нахустин санадҳои башардӯстона, ки арзишҳои озодии вичдон, эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳамзистии осоиштаро тарғиб менамояд”, таъкид месозад.



УСТУВОНАИ КУРУШИ КАБИР

Чист он? Чаро ЮНЕСКО ба он таваҷҷуҳ кард?

УСТУВОНАИ КУРУШИ КАБИР ВА АРЗИШҲОИ ИНСОНМЕҲВАРӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАШАР

Дар тӯли таърих инсоният ҳамеша дар ҷустуҷӯи адолат, озодӣ ва эҳтиром ба шарафи инсон будааст, ки он борҳо дар мероси гаронбаҳои башарият ба таври куллӣ таҷуссум ёфтаву аз ҷониби бостоншиносону таърихнигорон борҳо мавриди баҳсҳову таҳқиқоти бунёдӣ қарор гирфтааст.

Дар ин росто, Шарқи Қадим - махсусан сарзаминҳои ориёно, ки аҷдодони тоҷикон ҳамчун меросбарони ҳақиқии марзу буми он шинохта шудаанд - дар таърихи фарҳанги ҳуқуқӣ нақши хос доранд. Мероси фарҳангии Хуросони бузург, ки аз афкори башардӯстонаи пешвоёнаш сарчашма мегирад, имрӯз низ ҳамчун яке аз пояҳои маънавии ҳуқуқи инсон арзёбӣ мегардад. Зеро аз Байнаннаҳрайн то Хутан, дар даврaҳои мухталиф мутуни гуногуни бостонӣ ба даст омадаанд, ки онҳо ҳамеша дар мазмун ва мундариҷаи худ инсон ва ҳуқуқи башариро ҷойгоҳи марказӣ додаанд ва ё маллифони онҳо аз ашхосе буданд, ки инсон ва ҳуқуқи онро аз авлотарин арзишҳои башарӣ медонистанд.

Ҳуқуқи башар, дар маънои васеъ, таҷассуми орзуи деринаи инсоният барои баробарӣ ва озодӣ мебошад. Яке аз намунаҳои барҷастаи таърихии шинохти ҳуқуқи башар дар тамаддуни башарӣ Устувонаи Куруши Кабир аст - санади бостонӣ, ки тақрибан соли 539 пеш аз милод дар Бобул навишта шудааст. Ин устувона, ки бо хати мехӣ бо 45 сатр дар рӯи гили пухташуда сабт шудааст, фармони подшоҳи ориёӣ Куруши II, асосгузори сулолаи Ҳахоманишиён мебошад. Андозаи максималии он дарозии 21,90-22,80 см, қутри дуҷонибаи он 7,80-8,20-7,90 см ва қутри максималии он 10 см (21,9 × 10 × 7,8-7,9 см)-ро ташкил дода, дар шакл устувона (цилиндр) эҷод шудааст ва соли 1879 аз ҷониби Ҳурмузд Рассом аз Бобул (Ироқи имрӯзӣ) пайдо карда шудааст. Ин бозёфт ҳоло дар Осорхонаи Британиё (таҳти рақами BM90920) нигоҳ дошта мешавад.

Мутобиқи тарҷумаи муҳаққиқон, матн забти Бобулро аз ҷониби Куруши Кабир дар соли 539 пеш аз милод таҷассум намуда, бо нақл аз ҷониби худои бобулӣ - Мардук оғоз меёбад, ки дар бораи ҷиноятҳои Набонид (Набонидус) - охирин шоҳи бобулӣ маълумот медиҳад. Пас аз он ҳикояти ҷустуҷӯи шоҳи одил аз ҷониби Мардук, таъйини Куруши Кабир барои ҳукмрони тамоми ҷаҳон ва ба таслим омадани Бобул бе ягон ҷанг оварда мешавад. Дар сатрҳои минбаъда шахсият, унвонҳо ва шаҷараи Куруши Кабир аз забони худи ӯ (Куруш) оварда мешавад ва изҳор медорад, ки сулҳи кишварро кафолат додааст ва барои ин ӯ аз Мардук баракат гирифтааст. Куруш барқарор намудани адолатро, ки дар замони ҳукмронии Набонид ба фаромӯшӣ гузошта шуда буд ва иҷозат додан ба халқҳои ғулумшуда барои бозгашт ба ватани худро тасвир мекунад. Дар охир, шоҳ барқарор намудани мудофияи Бобулро сабт намуда ва қайд мекунад, ки ҳангоми кор як навиштаҷоти Ашшурбанипалро дидааст.

Ҳамин тариқ, устувонаи Куруш дорои навиштаҷоти анъанавии месопотамӣ ё бобулӣ буда, ҳамчун қисми асосии бино дар деворҳои Бобул ҷойгир шуда, Куруши Кабирро ҳамчун шоҳи одил ва барқароркунандаи адолати башарӣ ба хотираи таърих сабт намудааст.

Яъне мундариҷаи ин ҳуҷҷат бо таърих ва рӯҳи инсондӯстии фарҳанги ориёӣ пайваста аст, ки дар он Куруши Кабир баъд аз фатҳи Бобул ба мардум озодӣ мебахшад, маъбадҳоро барқарор месозад ва ҳамаи мардуми асирро ба сарзамини худ бозмегардонад. Ӯ фармон медиҳад, ки ҳеҷ кас набояд бо зӯрӣ ё иҷбор ба дин ё одати дигарон оварда шавад. Ин санадро имрӯз бисёре аз муҳаққиқон нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар меноманд, зеро дар он бори аввал арзишҳои зерин бо шакли дақиқ изҳор шудаанд, ки хусусияти инсонмеҳварӣ доранд:

1) озодии эътиқод ва виҷдон;

2) мамнуияти зӯроварӣ ва ғуломдорӣ;

3) эҳтиром ба фарҳангҳо ва динҳои гуногун;

4) ҳифзи моликият ва арзишҳои маънавӣ;

5) ҳақи бозгашт ва зиндагии осоишта барои муҳоҷирон.

Ин ғояҳо, ки аз замони қадим дар фарҳанги ориёӣ парварда шуда буданд, баъдан дар асрҳои нав дар “Эъломияи умумии ҳуқуқи башар” (1948) шакли расмӣ гирифтанд.

6-уми ноябри соли 2025 дар шаҳри Самарқанд дар ҷараёни 43-юмин Конфронси умумии ЮНЕСКО бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон қатъномаи муҳим бо унвони “Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ” қабул гардид. Қабули ин санади муҳим дар рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи форсизабонони олам, тоҷикону тоҷикистониён, дӯстдорони фарҳанги пурғановати ориёӣ, боз ҳам дар шинохти ҷойгоҳи мардуми ориёитабор дар таърихи баширият, як туҳфаи беназир буд.

Маҳз дар шароити барҳӯрди тамаддунҳо, мухолифати андешаҳо доир ба тақдири башарият ва ҳифзи арзиҳои умумиинсонӣ, ки ояндаи дурахшони башариятро зери суол мемонад, ин санад аҳамияти таърихӣ ва маънавии Устувонаи Курушро ҳамчун як рамзи ҷаҳонии озодӣ ва ҳамзистии фарҳангҳо таъкид мекунад. Ба гуфтаи мутахассисон, ин иқдом ифодаи ҳамон рӯҳи “рӯшанфикрӣ ва адолат” аст, ки аз аҳди қадим то имрӯз аз ҷониби мардуми ориёитабор ҳимоят мешавад. Қатъномаи мазкур на танҳо як санади рамзӣ, балки як паймони маънавӣ миёни гузашта ва имрӯз аст: он нишон медиҳад, ки мероси бостонӣ метавонад барои ҷомеаи муосир паёми умед ва ҳамдигарфаҳмӣ оварад.

Имрӯз, дар шароите, ки ҷаҳони муосир бо низоъҳо, бетафоҳумӣ ва чолишҳои ахлоқӣ рӯ ба рӯ аст, бозгашт ба арзишҳои Устувонаи Куруш аҳамияти тоза пайдо мекунад. Ин санад ба мо илҳо мекунад, ки қудрати воқеӣ дар адолат ва таҳаммул аст, на дар зӯр ва таассуб.

Ҳамон тавр ки Куруш бар зӯроварӣ пирӯз шуд, ҷомеаи инсонӣ низ метавонад бо илм, маърифат ва эҳтиром ба ҳуқуқи якдигар бар ҷудоӣ ва нафрат ғолиб ояд.

Абдураҳмон ПӮЛОТОВ,
директори Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон

Матни устувона ба тоҷикӣ

Матни устувона бо хат ва забони бобулӣ навишта шуда, онро олими тоҷик Парвона Ҷамшедов тарҷума кардааст:

«Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи нерӯманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Аккад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбучия - шоҳи бузург, навосаи Куруш, шоҳи бузурге аз шоҳаи салтанати адабӣ, ки салтанаташ мавриди худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам. Мардук - худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва амокини муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳеч яке аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Худои бузурге аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбучия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад... ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷойҳои худ баргардонидам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Шумеру Аккадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки “шодии дил“ ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам».



МУҲИДДИН ЧӢ ДОВ ДОРАД?

Киностудияи “Довфилм” дусолагии худро бо дарёфти ду Шоҳҷоиза истиқбол намуд. Ин киностудияро режиссёри маъруфи тоҷик Муҳиддини Музаффар бо як тими филмофарони ҷавон бунёд гузоштааст ва мегӯяд, ҳадафи онҳо сохтани филмҳои хуб, кӯшишу талош кардан барои сохтани фазои озоди синамо дар кишвар аст.



ДОВ ЧИСТ?

Дов дар луғат чунин шарҳ дода шудааст:

- дов - навбати бозии нард ва шатранҷ ва бозиҳои дигар;

- дов ёфтан - навбат ёфтан, фурсат ёфтан;

- дов додан - маҷол додан, муҳлат додан, гузоридан;

- дов задан - ба навбат бозӣ кардан; иддаои амре кардан; нақши нишастан ба мурод, ба ҳадаф расидан;

- дови аввал - навбати аввал, навбати нахустин, нахустин навбат;

- дов - иддао ва даъвии коре.

Дар филми “Дов” лотореяро низ “дов” гуфтаанд.

Коргардони ҷавони тоҷик Муҳиддини Музаффар низ ҳамеша дов мечӯяд, фурсат мекобад, то гашти ғайричашмдоште бикунад ба манфиати синамои тоҷик.

Киностудияи “Довфилм” низ чунин ба вуҷуд омад. Он як фурсати муҳим буд барои синамои тоҷик.

АЗ ТЕАТР ТО “СУҒДСИНАМО”

Қабл аз “Довфилм” Муҳиддини Музаффар роҳи тӯлониеро тай кард.

Соли 2009 пас аз хатми Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба зодгоҳаш баргашт ва дар Театри давлатии драма ва мусиқии ба номи Тӯҳфа Фозиловаи шаҳри Конибодом ба ҳайси ҳунарпеша ба кор оғоз кард. Солҳои 2013-2016 саркоргардони театр буд. Намоишномаҳои «Куштори яксаду чаҳордаҳ шоҳзодаи Ҳахоманишӣ дар кӯшки гардон» (аз рӯи романи «Достони писари Худо»-и Сорбон), «Модар-Ватан» (аз рӯи асарҳои Фирдавсӣ, М. Горкий, Сорбон, Р. Масов, А. Азиз), «Инопланетянинҳо дар замин» (асари С. Алферова), «Модар, ман зан мегирам» (асари А. Ривкин), «Хонуми боистеъдод» (асари М. Ҷӯраев), «Қорӣ-ишкамба» (аз рӯи повести Айнӣ) ва ғайраро таҳия кард.

Баъдан Муҳиддин ба филмофарӣ рӯ овард. Соли 2010 филмҳои ҳунарии «Ормонҳо», баъдан «Паймон» (2014)-ро ба навор гирифт. Соли 2015 дар вилояти Суғд киностудияи “Суғдсинамо” таъсис ёфт, ки роҳбарии он ба дӯши Муҳиддини Музаффар гузошта шуд ва тавлид гардиданд филмҳои «Сарнавишти ду дӯст Қаҳҳор ва Маннон аст, ки дар марҳилаҳои душвори зиндагӣ мавриди имтиҳон қарор мегиранд. Ин достони сода, вале бо пасманзари бузург аввал дар Тоҷикистон қадршиносӣ нашуд. Ҳатто рӯзҳое буданд, ки ба тамошои он касе ба кинотеатр намерафт...

Вале ҳамон дов, фортуна, яъне ҳумои бахт бо ин филм ба саросари олам парвоз кард. Филми ҳунарии “Дов” дар беш аз 30 чашнвораи байналмилалӣ ширкат кард ва соҳиби 28 ҷоиза шуд ва сабабгори таъсиси “Довфилм”.

Аз суҳбати ду сол қабл бо Муҳиддини Музаффар:

- “Довфилм” чӣ ташкилот аст? Идеяи ташкили он аз куҷо пайдо шуд?

- «Довфилм” киностудияи ғайридавлатиест, ки аз ҷониби як гурӯҳи ҷавонон дар шаҳри Душанбе таъсис дода шуд. Ҳадафаш сохтани филмҳои хуб, кӯшиш кардану талош кардан барои сохтани фазои озоди синамо дар кишвар аст.

- Шумо аз ибтидои фаъолиятатон мехоҳед дар Тоҷикистон фазои синамоӣ бисозед. Яке аз қадамҳои муҳими шумо дар ин самт “Суғдсинамо” буд. Акнун, баъд аз таъсиси “Довфилм” тақдири он чӣ мешавад?

- Ҳадафи мо сохтани филмҳои хуб ва сохтани фазо буд. Дар муддати 8 соли роҳбарии мо “Суғдсинамо” аз сифр оғоз шуда, ба дастовардҳои зиёд ноил гардид. Ба андешаи ман, одам пайваста дар якҷо кор кунад, он қадар хуб нест. Ман аз роҳбарии ин киностудия рафтам, вале ҳамкориро бо он давом медиҳам. Аз фурсати муносиб истифода бурда, ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои дастгирии ҳамаҷониба арзи сипос менамоям.

- Ҳоло тақдири “Суғдсинамо” чӣ мешавад?

- Киностудия ба кори хеш идома медиҳад. Ман ба он хотир ба Душанбе омадам, ки бо муҳити эҷодии пойтахт наздик бошам. Дар бораи таъсиси як киностудияи хусусӣ чанд сол боз фикр мекардам. Замонаш фаро расид...

ШОҲҶОИЗА

Инак, бо гузашти ду сол киностудияи «Довфилм» ва тими ҷавони он чандин филмҳои кӯтоҳи ҳунарӣ ва се филми ҳунарии баланд сабт карданд. Аз ҷумла “Блогер”, “Ҷосус” ва “Моҳӣ дар шаст”. Филми ҳунарии “Моҳӣ дар шаст” дар ҳамкорӣ бо “Тоҷикфилм” ва “30COP”-у “Ifilm»-и Эрон наворбардорӣ шуд.

Филми мазкур нахуст тирамоҳи соли 2024 дар дуюмин Синамоҷоизаи миллии “Тоҷи Сомон” Шоҳҷоизаи якумро ба даст овард.

Октябри соли 2025 дар доираи дуюмин Кинофестивали байналмилалии “Тоҷи Сомон” филми ҳунарии “Моҳӣ дар шаст” аз байни филмҳои Эрон, Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Ҳиндустон, Қирғизистон, Туркманистон, Муғулистон ҳамчун “Беҳтарин филм” Шоҳҷоизаро ба даст овард. Қаблан филми ҳунаии “Дов” ҳам соҳиби Шоҳҷоизаи “Тоҷи Сомон” гардида буд.

Айни замон филми ҳунарии “Моҳӣ дар шаст” баҳри иштирок дар якчанд кинофестивалҳои байналмилалӣ дархост намуда, аз кинофестивалҳои байналмилалии Шаҳр дар Эрон, “Парвонаи брилиантӣ” дар Русия ва Даккаи Бангладеш даъватнома ба даст гирифтааст.

СИНАМО ДАСТГИРӢ МЕХОҲАД!

Муҳиддини Музаффар мегӯяд, ки ҳадафи ӯ ҷалби бештари ҷавонони эҷодкор ба филмофарӣ, офаридани филмҳои босифат ва ба вуҷуд овардани фазои синамоӣ дар кишвар аст.


“Мо вақте корро оғоз кардем, ба ҳамаи вазоратҳо мактуб омода карда, ҳамроҳаш дар як флешдиски 32 Гб тамоми корҳоямонро ҳам ирсол намудем. Вале он гунае, ки интизор будем, ба кори мо таваҷҷуҳ накарданд. Охир, чаро мо рӯзгори Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар пардаи синамои касбӣ инъикос накунем? Солҳои охир дар кишварҳои олам бештар аз ҳаёти варзишгарон филм гирифта мешавад. Магар мо наметавонем аз ҳаёти Дилшод Назаров филм ба навор гирем? Бубинед, вақте мо ҷавононро барои хизмати ҳарбӣ даъват мекунем, вале чаро филмҳои ватандӯстӣ наофарем? Чаро аз ҳаёти сарбозон филм ба навор нагирем? Ё аз ҳаёти табибон. Ман инҳоро ба назар гирифта, ба идорахои дахлдор мактуб фиристодам, вале посух нашуд. Чаро мо аз Роғун филмҳои босифат надошта бошем? Бояд дар ин хусус андешид...”,- мегӯяд Муҳиддини Музаффар.

Ин коргардони тоҷик бар он аст, ки бо сабаби кам будани филмҳои ҳирфаӣ фазои интернетро филмҳои кӯчагӣ гирифтааст, ки ба зеҳни мардум, махсусан ҷавонон таъсири манфӣ мегузорад.

“Мо бояд филмҳои хуби босифат, филмҳое, ки мардумро ба андеша кардан водор кунад, ба бунёдкорӣ таҳрик диҳад ва ба инсон будан рохнамоӣ кунад, биофарем. Барои ин дастгирии соҳаи синамо зарур аст”,- меафзояд Муҳиддин.

Муҳиддин мегӯяд, ки бо вуҷуди душвориҳо ӯ ба оянда нек умедвор аст: “Рӯзе бо соҳибкоре дар мавриди қадр накардани филм аз ҷониби тамошобин суҳбат доштам. Ӯ ҷумлаи аҷибе гуфт, ки бисёр писандам омад. Гуфт: “Коргардонҳо бояд муъҷиза офаранд”. Мо бо як филм наметавонем номдор шавему муъҷиза офарем. Вале муъҷиза офаридани мо ба тамошобин низ вобаста аст. Ҳар фарди тоҷик бояд дар барномаи зиндагиаш ҳафтае як бор, ё моҳе як бор тамошои филмҳоро ворид созад. Бо аҳли хонавода ба тамошои филмҳо оянд...”.

О. НОЗИР





МО ДИГАР БУДЕМ...

Посухи падар ба саволи писар



Писаре аз падараш пурсид:
- Додо, шумо пештар бе ин ҳама чӣ гуна зиндагӣ мекардед?
- Бе чӣ?
- Бе интернет, бе телефон, бе кондитсионер ва бе компютер?
Падар табассум кард ва оромона ҷавоб дод:
- Ҳамон тавре ки имрӯз шумо зиндагӣ мекунед, фақат бо ВИҶДОН, бо ДИЛСӮЗӢ, бо ЭҲТИРОМ, бо ХОКСОРӢ, бо ШАРАФ ва бо МУҲАББАТ...

Мо насле ҳастем, ки байни солҳои 1939 ва 1985 таваллуд шудаем. Насли хушбахт. Мо дар ҷаҳоне ба воя расидем, ки хушбахтӣ як чизи одӣ буд: дурахшидани офтоб, дидани дӯстон, бозӣ бо онҳо дар рӯи ҳавлӣ, велосипед ва ё хӯрдани нону мураббо... Мо бе кулоҳ велосипедронӣ мекардем, меафтидем, зонуҳоямонро мехарошидем, вале бо вучуди ин, мо зиндагӣ мекардем, зиндагӣ... Мо танҳо, бе ҳамроҳ ба мактаб мерафтем, зеро ба мо аз ҷаҳон ҳимоя лозим набуд, мо худ як қисмати он будем.

Ба муаллимони худ эҳтиром доштем ва ба сари онҳо милиса намеовардем. Агар дар кӯча дида монем, зуд рӯй панаҳ мекардем, ки мабодо нагӯянд: "Беҳудагардӣ накун, раву дарсатро такрор кун...".

Баъд аз мактаб, мо то торикӣ дар берун бозӣ мекардем ва ғуруби офтобро тамошо мекардем, на дар Wi-Fi "менишастем". Телевизор танҳо бегоҳиҳо фаъол буд ва чизҳоеро нишон медод, ки воқеан ба тамошо меарзиданд.

Дӯстони мо воқеӣ буданд, на "онлайнӣ". Мо охирин пичениюро конфетро байни чор нафар тақсим мекардем ва аз бемор шудан наметарсидем, зеро тақсим кардан маънои зиндагӣ карданро дошт.

Мо фарбеҳ нашудем, ҳарчанд ҳар рӯз нон, картошка ва мураббо мехӯрдем, танҳо аз он сабаб, ки мо медавидем, ҳаракат мекардем, зиндагӣ мекардем.

Мо бо дастони худ бозичаҳо месохтем, на ин ки хитоияшро аз бозор мехаридем ва ин "ихтироамон" ба мо шодӣ меовард.

Волидони мо сарватманд набуданд, аммо онҳо ба мо бештар аз ҳама пул медоданд, ки номаш муҳаббат, имон, меҳнат ва шаъну шарафи инсонист.

Онҳо ба мо таълим медоданд, ки ба пиронсолон эҳтиром гузорем, ба аҳди худ вафо кунем ва ҳангоми хато кардан баҳона наҷӯем.

Мо смартфонҳо, чатҳо ё бозиҳои онлайнӣ надоштем. Аммо дӯстоне доштем, ки ҳамон тавр бе занги пешакӣ ба хонаамон меомаданд ва аз дидорашон ҳамеша хуш будем. Хотираҳои мо дар аксҳои кӯҳнаи сиёҳу сафед ҳастанд, аммо дар дилҳои мо онҳо ҳамеша рангаанд.

Мо ҳаёти ҳаррӯзаи худро ба намоиш намегузоштем ва ризоияти дигаронро дар ягон тасмими худ намеҷустем.

Мо зиндагии ҳақиқӣ доштем.

Мо насли охирине ҳастем, ки волидонамонро гӯш мекардем ва аввалин насле ҳастем, ки акнун ба фарзандонамон гӯш медиҳем.

Мо як махлуқи нодир, як махлуқи беназир ҳастем. Ҳало, ки зиндаем, аз мо омӯзед! Дар хотир доред: хушбахтӣ дар экрани телефонҳо ё Wi-Fi нест. Хушбахтӣ дар симои одамони атрофи мо, дар гармии дастони онҳост.

Хулоса, мо дигар будем, дигар...

А. ҲОҶӢ

ЯК ЛАҲЗА ДИДОР БО УСТОД АЙНӢ

(Аввадаш дар саҳ. 6)

Ҳамчунин, доктори илмҳои философӣ Мӯсо Динаршоев, доктори илмҳои филологӣ Абдуллоҷон Юнусов, номзади илмҳои филологӣ Аликул Девонақулов, шоир Наимҷон Назирӣ, шодравон Абдулхайр Асроров ва дигарон бо ман таҳсил карданд, ки дар зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ аз онҳо бисёр чизҳоро ёд гирифтаам. Кори дипломиамро албатта аз устод Садриддин Айнӣ гирифтам: «Тасвири ҳақиқати ҳаёти советӣ дар «Ғуломони Садриддин Айнӣ». Роҳбарам донишёр Воҳид Асрорӣ буд. Соли 1959 факултети филологияи точики Университети давлатии шаҳри Сталинободро хатм кардам.

Ман нависанда ва олим нашудам. Зеро дар дилам шавқи аз ҳама бештар нисбати омӯзгорӣ буд. Чиҳил сол дар мактабҳои ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) аз фанни забон ва адабиёт дарс гуфтам.

Ҳоло дар ш. Хоруғ зиндагӣ мекунам.

Нурмаҳмад ДӮСТМАМАДОВ, бознишаста, аз ВМКБ



Дар доираи як лоиҳаи озмоишӣ дар либоси кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) дурбинҳои назоратӣ насб карда мешаванд. Ин иқдом бо ҳадафи боло бурдани сатҳи шаффофият ва беҳтар кардани муносибати кормандони ҳифзи ҳуқуқ бо шаҳрвандон роҳандозӣ шудааст.



КАМЕРА ДАР ЛИБОСИ КОРМАНДОНИ БДА

Ҳадаф боло бурдани сатҳи шаффофият

Ба иттилои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, лоиҳа дар ҳамкорӣ бо Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) амалӣ мегардад. Дар доираи он САҲА ба Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон 24 адад дурбини назоратӣ супурдааст.

Тавассути ин дурбинҳо фаъолияти кормандони БДА ва муносибати онҳо бо шаҳрвандон сабт карда мешавад, ки ин қадам метавонад ба баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба сохторҳои қудратӣ мусоидат кунад.

Инчунин, САҲА ба кормандони БДА тарзи дурусти истифодаи ин дастгоҳҳоро омӯзонидааст. Ҳоло марҳилаи омӯзишӣ идома дорад ва пас аз анҷоми он дурбинҳо дар либоси кормандон насб карда мешаванд.

Дар марҳилаи аввал лоиҳа танҳо дар шаҳри Душанбе татбиқ мегардад. Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои озмоишӣ, қарор дода мешавад, ки ин таҷриба дар дигар минтақаҳои кишвар низ амалӣ карда шавад ё не.

Ба гуфтаи ташаббускорон, истифодаи дурбинҳои назоратӣ ба коҳиши ҳолатҳои баҳснок, пешгирии қонуншиканӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти кормандони БДА мусоидат хоҳад кард.

ҶАНҶОЛЕ, КИ БОИСИ МАРГИ НОБОЛИҒ ШУД...

Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе аз як ҳодисаи фоҷиабор байни гурӯҳи хонандагон хабар дод, ки боиси марги як наврас шудааст.



Бино ба иттилои Раёсати ВКД, 9-уми ноябри соли 2025 дар ҳудуди ноҳияи Фирдавсӣ миёни гурӯҳи ноболиғон муноқиша сар зада, дар натиҷа як нафар ба ҳалокат расидааст.

«Зимни тафтишоти пешакӣ муайян карда шуд, ки наврасон ҳангоми муноқиша аз предметҳои халандаю буранда, махсусан корд истифода намудаанд»,- омадааст дар иттилоияи Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе.

Манбаъ афзудааст, ки Раҳматшозода Н. бо сабаби нофаҳмиҳои лафзӣ, ки қаблан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бо Рачабов А. доштааст, миёни онҳо муноқишаи гурӯҳӣ ташкил шудааст. Дар ҷараёни занозанӣ Раҳматшозода ба қисматҳои гуногуни бадани Рачабов зарба зада, ӯро ба ҳалокат расонидааст.

Дар натиҷа, Рачабов А., хонандаи синфи 10-уми мактаби рақами 78 ҷон бохта, Шарифов Ш., донишҷӯи Коллеҷи информатика ва техникаи компютерӣ бо ҷароҳатҳои вазнин ба беморхона интиқол ёфтааст. Ба гуфтаи табибон, вазъи саломатии ӯ ҳанӯз ҳам вазнин арзёбӣ мешавад.

Манобеи огоҳ ба расонаҳо иттилоъ додаанд, ки дар ин муноқиша хонандагони чанд мактаб иштирок доштаанд. Ҳодиса дар наздикии мактабҳои №77 ва №78 ва дар маҳаллаи микроноҳияи 65 рух додааст.

Айни замон Раҳматшозода Н. ҳамчун гумонбар дар ҳабси пешакӣ қарор дошта, аз ҷониби Прокуратураи ноҳияи Фирдавсӣ тибқи моддаи 104-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қасдан расонидан ба марг) парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегӯянд, ки таҳқиқи пурраи ҳодиса, муайян кардани дигар иштирокдорон ва сабабҳои сар задани муноқиша идома дорад.

Ба таваҷҷуҳи раиси Суди шаҳри Панҷакент

ҲАҚИ ҲАЛОЛИ МАРО РӮЁНЕД!

Ман Юсупова Гулсара Бозоровна, аз деҳаи Моғиёни ҷамоати деҳоти Моғиёни шаҳри Панҷакент ҳастам. Мақсади муроҷиатам ба шумо он аст, ки мехоҳам ҳақи ҳалоли маро рӯёнида диҳед. Ман зане ҳастам, ки дар ҳаёт мушкилоти зиёде кашидам, шикастҳои зиёде дидам, акнун намехоҳам барои рӯёнидани ҳақи қонунии худам ҳам азоб кашам…

Соли 2004 ман бо ҳазор орзуву умед бо Ш. Ҷамолов оиладор шудам, вале худованд ба мо фарзанд надод. Бо вучуди ин, 15 сол бо шавҳарам зиндагӣ кардам. Аз соли 2008 шавҳарам дар Федератсияи Русия буду маблағ мефиристод. Ман дар ин ҷо устоҳоро киро карда, як иморати дуошёнаи дорои 7 дар хона ва биноҳои ёрирасон сохтам. Кирояи устоҳо, пухтупаз, кашонидани ғишту сангу чӯб ва ғайра ҳама ба дӯши ман буд. Хулоса, давоми чанд сол ин иморатро ба поён расонидем...

Вақти оиладор шуданам падарам ба ман як гов дода буд, ки аз он 4 сар гов карда, онҳоро низ фурӯхта, ба ҳамин зиндагӣ масраф кардам.

Чун фарзанддор нашудем, соли 2016 духтарчаи бародари шавҳарамро бо ризоияти ҳамсараш гирифта, калон мекардем.

Вале дар ин муддат шавҳарам дар Федератсияи Русия бо зани дигаре оила барпо карда, соҳиби фарзанд мешавад. Бинобар ин, соли 2018 ӯ аз Русия баргашта, маро чавоб дод ва кӯдаки бародарашро аз ман гирифта, маро аз хона ронданд.

Банда ба суд муроҷиат кардам. Суди шаҳри Панҷакент (судя З. Қ. Эсозода) даъвои маро баррасӣ карда, тарафҳоро шунида, шоҳидонро гӯш карда, 9-уми декабри соли 2019 даъвои маро қисман қонеъ кард. Иморати моро байни 5 нафар тақсим карда, ҳақи маро 34 ҳазор сомонӣ таъйин намуд ва чавобгар, яъне Ш. Ҷамоловро водор кард, ки ин маблағро ба банда пардохт кунад. Вале бо гузашти ин қадар сол ман маблағи худро гирифта наметавонам, гарчанде зиёд талош кардам.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки ҳақи қонунии маро рӯёнида диҳед.

Гулсара ЮСУПОВА,
айни замон истиқоматкунандаи ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Зарафшон

АМРИКО ДУ ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОНРО БА ҶИНОЯТ МУТТАҲАМ КАРД

Пулиси ноҳияи Линколн дар Каролинаи Шимолии Амрико ду шаҳрванди Тоҷикистонро ба ғорати банкоматҳо аз роҳи ҳамлаи сайберӣ (киберӣ) айбдор кардааст.



Расонаҳои Амрико аз қавли пулис хабар доданд, ки як шаҳрванди Тоҷикистон боздошт шуда, дигаре бо як шарики эронияш дар ҷустуҷӯ қарор дорад.

Ба иттилои пулис, Нурмуҳаммад Раҳмонзодаи 26-сола ва Фирдавс Рачабови 35-сола ҳамроҳи Милод Аваздавонии 36-сола, зодаи Эрон, дар моҳи феврали имсол ва пас аз ҳамлаи киберӣ аз банкоматҳои фурӯшгоҳе зиёда аз даҳ ҳазор доллар рабудаанд.

Пулис гуфтааст, замоне аз ҳодиса огоҳ шуд, ки рӯзи 21-уми феврали имсол дар аёлати Мэйн ба банкоматҳои фурӯшгоҳҳои маҳаллӣ ҳамлаи густардаи киберӣ сурат гирифт. Ин навъи ғоратгариро "ATM jackpotting" меномидаанд, ки бо анҷоми ҳамлаи киберӣ сохтори банкоматро вайрон карда, онро маҷбур мекунанд, то пулҳоро берун барорад.

Пулис гуфтааст, Нурмуҳаммад Раҳмонзодаро, ки бо ному насаби сохта дар Амрико умр ба сар мебурд, моҳе пас аз ҳодиса дар Каролинаи Ҷанубӣ боздошт карданд, вале Фирдавс Рачабов ва шарики эронии ӯ Милод Аваздавонӣ дар ҷустуҷӯ қарор доранд.

Мақомоти Амрико онҳоро ба дуздӣ ва ташкили гурӯҳи ҷиноӣ муттаҳам медонанд.

Назари пайвандон ва вакилони дифои ин афрод маълум нест, вале пулис бо нашри акси Фирдавс Рачабов ва шарики эрониаш аз сокинон хостааст, ки ҳангоми дидани онҳо ба мақомот хабар диҳанд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, бино ба маълумоти гуногун, аз 10 то 16 ҳазор зодаи Тоҷикистон зиндагӣ карда, асосан дар бахши тиҷорату нақлиёт ва хидматрасонӣ фаъоланд. Солҳои охир чанде аз онҳо бо иттиҳомҳои гуногун, аз ҷумла озори ҳамсар, поймоли қоидаи будубош ва пайравӣ аз созмонҳои мамнуи ифротгароӣ дастгир ва бархе аз ҳудуди Амрико ронда шудаанд.

Профессор ва ғизошиноси маъруфи тоҷик Ҷаҳон Азонов мегӯяд, ки шири модар на танҳо ғизо, балки як муъҷизаи табиӣ барои рушди солимии кӯдак аст. Ба таъкиди номбурда, кӯдак бояд ҳадди ақал 6 моҳ танҳо бо шири модар ғизо гирад, зеро ин барои саломатии ҷисмонӣ ва устувории пайванди оилавӣ муҳим аст.



Профессор Ҷаҳон Азонов:

АГАР МОДАР БА КӮДАК ШИРИ СУНЪӢ ДИҲАД, МЕҲР КАМ МЕШАВАД

Профессор Ҷаҳон Азонов зини як мизи мудаввар дар мавзуи “Инъикоси натоиҷи татбиқи Нақшаи чорабиниҳои бисёрсоҳавӣ оид ба ғизо дар Тоҷикистон” иброз дошт, ки шири модар ҳеҷ гуна маводи сунъиро иваз карда наметавонад. Тавре профессор иброз дошт, «модарон бояд кӯдаконро ҳадди ақал 6 моҳ танҳо бо шири модар таъмин кунанд. Ин на танҳо ғизо, балки пайванди меҳру муҳаббати байни модар ва кӯдакро тақвият медиҳад».



Ҳамзамон, профессори тоҷик тавсия дод, ки агар имкон бошад, шири буз ҳамчун алтернатива барои кӯдак истифода шавад, зеро дар таркибаш казеин надорад ва осонтар ҳазм мешавад. Вай афзуд, ки ширгов ва дигар ғизоҳои сунъӣ ба шири модар мутобиқ набуда ва барои кӯдак фоиданок нестанд.

Ба таъкиди Ҷаҳон Азонов, муҳаббат ва наздикии модар ба кӯдак тавассути сина додан ва рӯ ба рӯ бо кӯдак будан устувор мешавад. Ин муносибат оянда кӯдакро ба пуштибони модар ва шахси солим табдил медиҳад.

Масъулияти модарон дар таъмини ғизои солими кӯдак хеле муҳим аст. Ӯ гуфт: «Ҳамаи ин аз худи модарон вобаста аст. Агар модар кӯдакро бо шири сунъӣ таъмин кунад, эҳсоси меҳр ва пайванди кӯдак бо модар кам мешавад».

«ПОЛ-ПАЛА» ЧИСТ ВА БА КАДОМ ДАРДҲО ДАВОСТ?

“Пол-пала” гиёҳи шифобахшест, ки хусусиятҳои зиёди табобатӣ дорад. Он мубодилаи моддаҳоро дар организм тезонида, ба об шудани намакҳо мусоидат менамояд. Гиёҳи “Пол-пала” пешоброн буда, онро барои табобати бемориҳои гуногуни илтиҳобӣ истифода мебаранд.



“Пол-пала” ба подагра, полиартрит, бемориҳои гурда, аз ҷумла ҷамъшавии намак ва пайдоиши санг дар гурдаҳо, илтиҳоби гурда, илтиҳоби пешобдон, иллатҳои ғадуди болои гурда, бемориҳои мардона ва занона, аз қабили простатит ва цистит даво мебошад. Ин гиёҳ ҳайзи вайроншудаи занонро ба эътидол оварда, дар табобати миома кумак мекунад.

“Пол-пала” сатҳи қандро дар хун паст намуда, мигрени музминро дафъ месозад. Ин гиёҳ ба шифо ёфтани захми меъда мусоидат карда, ҳамзамон полипро нест мекунад. Гиёҳи “Пол-пала” ба сиррози ҷигар ва бемориҳои ғадуди зери меъда низ даво буда, лахташавии хун ва пайдоиши тромбро пешгирӣ менамояд.

Тарзи истифодабарӣ:

Дар зарфе як қошуқ гиёҳи “Пол-пала” андозед ва аз болояш як пиёла оби ҷӯшидагӣ резед. Зарфро ба болои зарфи дар болои оташ истода, ки обаш ҷӯшида истодааст, гузоред ва дар бӯғи об 15 дақиқаи дигар ҷӯшонед. Пас аз ин зарфро аз болои оташ бигиред ва хунук карда, гиёҳоби ҳосилшударо аз дока полонед. Аз ин даво ҳар рӯз 30 дақиқа пеш аз хӯрок нимистаконӣ бинӯшед.

Усули дигари тайёр кардани даво:

Ба термос 1 қошуқ гиёҳи “Пол-пала” андозед ва аз болояш 250 мл оби ҷӯшидагӣ рехта, даҳони зарфро маҳкам кунед. Як соат пас даво тайёр мешавад. Аз ин гиёҳоб рӯзе 2-3 маротиба 1/3-пиёлагӣ бинӯшед.

Давраи табобат 10-30 рӯз давом мекунад. Барои як даври табобат тахминан 60 грамм гиёҳ лозим аст. Пас аз шаш моҳ боз як бори дигар табобатро такрор кардан мумкин аст.

Барои табобати бемориҳои вазнин гиёҳобро 100-граммӣ 3 соат пас менӯшанд ва табобат 3 даврараро дар бар мегирад. Агар пас аз полондани гиёҳоб гиёҳҳои боқимондаро ба пучак, доғҳои нарак ва дигар захмҳо банданд, ба зудӣ шифо меёбад.

ҲУҚНА БО “ПОЛ-ПАЛА”

Бо гиёҳи “пол-пала” ҳуқна-клизма кардан низ муфид мебошад. Барои ин 2 литр оби тозаи чашма (родниковая или дистиллированная вода) лозим аст. Ба об 1 пиёла гиёҳ меандозед ва онро каме ҷӯшонида, баъд хунук, аниқтараш ширгарм мекунед. Муддати 3 ҳафта, ҳар ҳафта 3 маротиба субҳ ва шом бо чунин гиёҳоб клизма кунед, манфиаташро мебинед.

Тақвими Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Нимаи аввали ҳафта барои беҳтар сохтани муносибатҳои оилавӣ мусоидат мекунад. Хусусан дар хонаҳое, ки чанд оила якҷоя умр ба сар мебаранд, ҳурмату эҳтиром нисбати якдигар зиёд мегардад.

Савр
21.04 - 21.05

Нафарони оиладор нимаи аввали ҳафта бо ҳамсафари ҳаётии худ масъалаҳоеро мавриди баҳсу мунозира қарор дода метавонанд, ки чанде қабл боиси ҷангу ҷанҷоли калон гашта буд.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав аз пайи беҳтар сохтани вазъи саломатӣ шавед, вагарна қобилияти кориро аз даст медиҳед. Шумо вақти пурқимати худро барои корҳои беҳуда сарф мекунед, дар ин бора хубтар фикр кунеду речаи рӯзи худро тартиб диҳед.

Саратон
22.06 - 23.07

Саломатии аксари зодагони мучали саратон дар ин ҳафта рӯ ба беҳбудӣ оварда, табъашон болида мегардад. Ҳатто қобилиятҳои ақлонӣ ва эҷодиятон бештар мегардад. Дар ин муддат дар мусобиқаҳои варзишӣ ва озмунҳо ширкат варзида метавонед.

Асад
23.07 - 22.08

Шумо хеле хаста шудаед, ниёз ба истироҳат доред. Кори зиёдро ба уҳда нагирифта, бештар хоб кунед. Ҳафта барои беҳтар сохтани муносибат бо наздикон мусоидат мекунад. Миёнаи ҳафта ба хонаатон омадани хешовандони дуратонро интизор бошед.

Сунбула
23.08 - 22.09

Давоми ҳафта бо шиносон, дӯстон, наздикону хешовандон ва ҳамсояҳо зиёд дар робита мешавед. Эҳтимол аз шумо кумак мепурсанд. Ба қадри имкон кумаки худро дареғ надоред. Нимаи дуюми ҳафта муносибат бо шахси дӯстдоштаатон бад мегардад.

Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи хубест барои рафъ намудани мушкилоти молиявӣ. Агар дар фикри пайдо намудани ҷои нави корӣ бошед, дар ин ҳафта метавонед кори хуберо бо маоши баландтар пайдо намоед. Ҳафта барои хариди калон мусоидат мекунад. Нисбати наздикон меҳрубон бошед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Орзуҳои ҳаҷибтаринатон дар ин ҳафта амалӣ мешаванд. Барои ба ҳадаф расидан бояд қадами қатъӣ гузоред. Айни замон ҳама чиз аз худатон вобастагӣ дорад, барои ба ҳадаф расидан кӯшиш ба харҷ диҳед. Ҳамзамон хатари ҷароҳат бардоштанатон зиёд аст.

Қавс
25.11 - 21.12

Давоми ҳафта ба саволҳои бечавоби худ посух пайдо мекунед. Нимаи дуюми ҳафта барои харидорӣ намудани ҷавоҳирот мусоид нест, беҳтараш харидро ба ҳафтаи дигар гузоред. Аз мушкилии ба саратон омада бо кумаки шиносҳои нав баромада метавонед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Майли зиёд ба зиёфату ташкилӣ доштани шумо боиси он мегардад, ки дар касбу коратон мушкилиҳо сар мезананд. Соатҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ нишастан низ шуморо аз корҳои муҳим дур мекунанд.

Далв
21.01 - 19.02

Ба назаратон чунин мерасад, ки атрофиён пайваста ҳар кору амали шуморо мавриди баҳсу мунозира қарор дода, танқид мекунанд. Агар таваҷҷуҳи аз ҳад зиёдро нисбати худ намехоста бошед, ором шавед, касе шуморо бадгӯӣ намекунад.

Ҳут
20.02 - 20.03

Нафароне, ки ба илмомӯзӣ машғуланд, зиёд шудани қобилиятҳои ақлонии худро эҳсос мекунанд. Дар дилатон хоҳиши ба даст овардани пули бе дарди миён пайдо мешавад ва давоми се рӯзи аввали ҳафта ба мақсади худ мерасед.

«АМАЛИЁТИ ГИТЛЕР»

ва хизматҳои собиқ вазири корҳои дохилӣ Ҳомиддин Шарипов

СОБИҚ ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШАРИПОВ ҲОМИДДИН ҲАСАНОВИЧ ШАХСИЯТЕ БУД, КИ ТАМОМИ ҲАЁТИ ХУДРО БА ХИЗМАТИ ҚОНУН ВА ХАЛҚУ ВАТАН БАХШИД. ФАЪОЛИЯТ ВА ТАҶРИБАИ ҲАЁТИИ Ӯ НАМУНАИ МАРДОНАГӢ, ПОКТИНАТӢ ВА СОФДИЛӢ БУДА, ҲАЙАТИ ШАХСӢ ЎРО ҲАМЧУН ШАХСИ КОРДОН ЭҲТИРОМ МЕКАРДАНД.



Ҳамкории ман бо Ҳомиддин Ҳасанович аз замони фаъолиятам ба ҳайси сардори Раёсати нақлиёти ВКД ҶТ оғоз гардид. Аввалин ташрифи Шарипов Ҳ. Ҳ. ба Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе дар солҳои фаъолияти ман хело ҳам хотирмон буд.

Воқеан, фурудгоҳ яке аз маконҳои асосӣ ва калидии ҳар давлат ба шумор меравад. Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе аз лиҳози бехатарӣ ба талабот ҷавобгӯ набуд. Дар фурудгоҳ тахминан 25% неруҳои гурӯҳҳои мухолифин ҷойгир шуда буданд. Инчунин, ҳудуди фурудгоҳ, махсусан аз ҷониби ноҳияи Рӯдакӣ кушода буд. Албатта чунин вазъ барои таъмини амнияти комил халал ворид менамуд. Мушкили асосӣ дар он ифода мегардид, ки фурудгоҳ барои таъмини бехатарии қабул ва гусели роҳбари давлат, вакилони мардумӣ ва дигар шахрвандон ҷавобгӯ набуд.

Маҳз баъд аз дастуру супоришҳои Ҳомиддин Ҳасанович норасоиҳо масъалагузорӣ гардида, чиҳати бартараф намудани камбудиҳо чораҳои қатъӣ андешида шуд. Тибқи дастурҳо мақомоти милитсияи нақлиёт бояд камбудиҳоро бартараф намуда, амнияти роҳбари давлат ва шахрвандонро пурра таъмин менамуданд. Чунин ҳолат то охири соли 2001 давом кард. Дар аксар маврид шахсан шоҳид будам, ки худи зиндаёд муҳтарам вазир - Ҳомиддин Ҳасанович бо силоҳбадастон вохӯрӣ намуда, ба онҳо ҳолатро мефаҳмонд.

Падидаи дигаре, ки боиси тазаккур аст, таъмини амнияти сафарбарии мусофирон тавассути роҳи оҳан мебошад. Ин масъулият низ ба зиммаи Раёсати нақлиёти ВКД ҶТ вогузор шуда буд. Маҳз бо дастури Ҳомиддин Ҳасанович тамоми масофаи роҳи оҳан - аз шаҳри Душанбе то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон тахти назорати махсуси мақомоти милиса қарор дода шуд. Яке аз тачрибаҳо он буд, ки барои таъмини бехатарии роҳи оҳан ва пешгирӣ аз маводҳои тарканда, пеш аз қатораҳои мусофиркашон иҷозати ҳаракат дода мешуд.

Ҳамин тавр, тачрибаи ғании тахассусии Ҳомиддин Ҳасанович дар яке аз воқеаҳои таърихии дигари барои ҷумҳурии мо муҳим бараъло мушоҳида гардида буд. Ин воқеаи таърихӣ ба истифода додани роҳи оҳани Кӯрғонтеппа - Данғара - Кӯлоб буд, ки бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт. Дар ин рӯз, Ҳомиддин Ҳасанович соати 4-и шаб тамоми масъулинро ҷамъ намуда, оид ба таъмини бехатарии қатораҳое, ки тибқи хатсайри Кӯрғонтеппа - Данғара - Кӯлоб ҳаракат мекарданд, супоришҳои қатъӣ дод. Хотиррасон мешавам, ки дар қатораи нахустини роҳи оҳани нав ба истифода додашуда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аъзои ҳукумат, зиёиён, корпуси дипломатӣ ва фаъолони ҷомеа сафар анҷом доданд. Дар ин сафар муҳтарам вазир Шарипов Ҳ. Ҳ. худашон иштирок намуда, ҳайати кормандони милисаро, ки барои амният ва бехатарӣ ҷалб гардида буданд, шахсан назорат мекарданд.

Воқеаи дигаре, ки бояд зикр кард, гузаронидани «Амалиёти Гитлер» бо роҳбарии Ҳомиддин Ҳасанович дар таърихи 22-юми июни соли 2001 буд. Ман он вақт дар вазифаи муовини сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД ҶТ фаъолият менамудам. Албатта гузаронидани ин амалиёт хело ҳам саривақтӣ буд. Зеро аҳолии осоишта аз беадолатӣ ва таҳдидҳои гурӯҳи ҷиноятккори бо ном «Раҳмон Гитлер» ба дод омада буданд. Ин гурӯҳи ҷиноятккор аҳолиро ғорат намуда, ба амнияти ҷомеа ва шахрвандон таҳдид менамуданд. Замоне фаро расида буд, ки пеши роҳи ин гурӯҳи ҷиноятпеша гирифта шавад. Дар амалӣ гардидани «Амалиёти Гитлер» тачрибаи тахассусии Ҳомиддин Ҳасанович кор дода, амалиёт бо натиҷаҳои гузошташуда анҷом дода шуд.

Қобили зикр аст, ки Шарипов Ҳ. Ҳ. шахсияти нотакрор буданд. Дар бораи хислатҳои неки ӯ дӯстон ва ҳамкорон ба некӣ ёд мекунанд. Ҳомиддин Ҳасанович ҳамчун намояндаи мақомот мақомоти милисаро эҳтиром менамуданд. Милисаи ҳақиқӣ будан, эҳтиром ба касбият ва содиқ будан ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои он кас дар мадди аввал қарор дошт. Ҳамин буд, ки Ҳомиддин Ҳасанович обрӯ ва эътибори ҳар як корманди ин мақомотро аз милисаи қаторӣ то ҳайати роҳбарикунанда обрӯи худ медонистанд.

Бояд қайд кард, ки Ҳомиддин Ҳасанович дар яке аз даврахои барои ҷумҳурӣ вазнин, яъне солҳои 1996-2006 вазири ВКД ҶТ буданд. Вазъи ноором ва нав ба эътидол омадаи кишвар онро тақозо мекард, ки мақомоти милиса дар баробари дигар мақомоти қудратӣ бояд дар ҳолати омодабош қарор дошта бошад. Дар ин солҳо мақомоти милиса дар аксар маврид дар вазъияти казармавӣ қарор дошт. Ҳомиддин Ҳасанович дар чунин ҳолат аз масъулин хоҳиш менамуданд, ки маоши кормандони милиса, ки дар вазъи казармавӣ қарор доштанд, зуд ва пурра пардохт карда шавад. Ин албатта ғамхории беғаразонаи роҳбари ниҳод ба кормандон буд, ки боиси зикр аст.

Солҳои 2004-2005 бо тавсияи муҳтарам Ҳомиддин Ҳасанович ман дар вазифаи муовини шуъбаи кадрҳои ВКД ҶТ фаъолиятамро идома додам. Дар ин ниҳод низ бо супориши муҳтарам вазир баъзе ислоҳотро гузаронидем.

Воқеаи муҳими таърихии дигар, ки бояд онро зикр намуд, таъсиси «Осорхонаи ВКД ҶТ» мебошад. Таъсиси осорхонаи мазкур дар ҳоле буд, ки мебоист меҳмонон аз ВКД Федератсияи Русия ба Тоҷикистон ташриф меоварданд. Бо дастури Ҳомиддин Ҳасанович дар як муддати кӯтоҳ ман бо ҳамроҳии Розиқзода ва дигар масъулон Осорхонаи ВКД-и ҷумҳуриро таъсис дода, нигораҳо ва санадҳои заруриро дар он ҷойгир намудем.

Дар охир ҳаминро гуфтаниям, ки Шарипов Ҳомиддин Ҳасанович беҳтарин рафиқ, дӯст ва ҳамкори содиқу донишманд буданд. Ҳомиддин Ҳасанович шахсияте буданд, ки то абад номи неки он кас дар ёди мо мемонад.

Рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бошад!

Зоиров Раҳмонқул Муродалиевич,
генерал-майори милиса

МАВЛУДНОМА

13 НОЯБР

Муҳаммадӣ Исматуллоев (1910-1996), 115-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Галина Левина (1905-1987), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

14 НОЯБЯ

Саноат Каримова (1940), 85-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

Глеб Флоринский (1910-1987), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Тақдиршо Шарифов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

15 НОЯБР

Қаҳҳор Бӯриев (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Ирина Мансурова (1925-1991), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Ҳайдархон Наҷмиддинов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Умаралӣ Раҷабов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

Мирзохӯҷа Шарифхӯҷаев (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Зиннат Юсуфбекова (1950), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

16 НОЯБР

Озод Исломов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ.

Пӯлод Муҳаммадов (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Музаффар Суғдзод (1950-2011), 75-солагии зодрӯзи шоир.

17 НОЯБР

Владимир Гейленко (1945), 80-солагии зодрӯзи муаррих.

Усмон Мелиев (1930), 95-солагии зодрӯзи рассом.

Латофат Шарифова (1955), 70-солагии зодрӯзи арбобзани давлатию ҷамъиятӣ.

18 НОЯБР

Сергей Дурмишев (1945), 80-солагии зодрӯзи скрипканавоз, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Даврон Қодиров (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Баҳриддини Ҳамроқул (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Раҳимҷони Шарофзода (1935-2011), 90-солагии зодрӯзи китобшинос, профессор.

19 НОЯБР

Ғуломиддин Сайфиддинов (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист, шореҳи масоили энергетикӣ.

Саттор Фозилов (1950), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Барот Шокиров (1940-1998), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1-7252, аз санаи 12.09.2025, ба номи Мирзоаминов Бахтиёр Мирзоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Дарвоз, хонаи 43, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи туҳфаи 8/10 (аз даҳ ҳашт) ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-211, аз санаи 04.03.2011, аз номи Закиров Орифҷон Рафиевич ба номи Зокиров Зафар Рафиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Э. Шарипов, хонаи 14, 8/10 (аз даҳ ҳашт), ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Кукузова Сайёра Сатторовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Навбаҳор 2/2, ҳ. 5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Киямова Раджабгуль, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи 4-гузаргоҳи Айнӣ, хонаи 15, санаи 04.08.2025, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, №155171, аз санаи 27.10.2025 ба номи Киямова Раджабгуль, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. 4-гузаргоҳи Айнӣ, хонаи 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Маълумотномаи иқтибоси мероси №160760, аз санаи 27.10.2025 ба номи Зокиров Зоир Киямович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи 4-гузаргоҳи Айнӣ, хонаи 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №8Ш-307, аз санаи 22.01.2021, аз номи Азимҷанова Гала ба номи Зокиров Зафар Рафиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи 3-юми гузаргоҳи Н. Ҳувайдуллоев (Ломоносов), хонаи 4, ҳ. 16, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот аз санаи 03.09.2014, таҳти феҳрасти рақами 2Ш-844, аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе, ки ба Сакоев Асомидин Икромиддинович тааллуқ дорад, гум шудааст.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Зухуров Сабур, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. А. Шукӯҳӣ 74, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сатторов Ҳаким, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. 1-гузаргоҳи Карл Маркс, хонаи 32, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0291620, ба номи Раҳматова Мунира Холмуродовна, ки санаи 13.06.2009 аз ҷониби МТМУ №36-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0525470, ба номи Ғаниева Манижа Бахтиёровна, ки санаи 23.06.2018 аз ҷониби МТМУ №36-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04530845, ба номи Усмонов Одилхон Воҳидович, ки санаи 23.09.2022 аз ШВКД дар ш. Ваҳдат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Ғайратов Тагдир, РМА: 105153551, ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рудакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ШВ №683292, рақами қайд №317, ба номи Айнидинов Сайфулло Наҷмудинович, ки аз 27.08.1992 аз ҷониби Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал", РМА: 040007186, ки аз Нозироти андоз дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "МИЦАР", РМА: 120039601, дар ноҳияи Рӯдакӣ, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Саъдуллозода 2015", №0266853, РЯМ: 0410027631, РМА: 040048401, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.


МЕФУРӮШАМ

► 2-ҳуҷрагӣ, 52 м.м., қабати 3, бинои 5-ошёна, дар ФР, Тульская область, пос. Волово, 1 800 000 руб. Тел.: +7920-111-21-95 (ватсап), 558-12-22-20

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба дӯкони қаннодӣ тортпази моҳир лозим аст. Тел.: 205-28-28-58

► Сехи қаннодӣ оид ба омода кардани тортҳо ба коргар ниёз дорад, дар назди бозори “Фаровон”, маош 2500 сомонӣ. Тел.: 900-10-88-88



ҶОМИ ОСИЁ

ФУТБОЛБОЗОНИ ТОҶИК БА АВСТРАЛИЯ РАФТАНД, ТО БО ТИМОРИ ШАРҚӢ БОЗӢ КУНАНД

Ситоди мураббиёни дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Горан Стеванович ҳайати бозигаронро барои бозии интихобии Ҷоми Осиё-2027 бо дастаи мунтахаби Тимори Шарқӣ, ки 18-уми ноябр дар Дарвини Австралия баргузор мешавад, эълон кард.



Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон 24 бозигар, аз ҷумла 3 дарвозабон, 8 ҳимоятгар, 9 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагар, даъват шудаанд. Инҳо дарвозабонҳо Рустам Ятимов («Ростов», Русия), Олег Баклов («Турон Товуз», Озарбойҷон), Далер Азизов («Ҳосилот»); ҳимоятгарон Зоир Ҷӯрабоев («Суғдиёна», Ӯзбекистон), Мехрубон Каримов («Локомотив», Гурҷистон), Ахтам Назаров, Манучеҳр Сафаров, Табрез Исломов, Содиқҷон Қурбонов (ҳама аз «Истиқлол»), Алиҷон Карорматуллозода («Равшан»), Мӯсо Қаҳҳоров («Барқчӣ»); нимҳимоятгарон Парвизҷон Умарбоев («Локомотив», Булғористон), Амирбек Ҷӯрабоев, Эҳсони Панҷшанбе, Муҳаммадҷон Раҳимов (ҳама аз «Истиқлол»), Алишер Шукуров («Хуҷанд»), Шервонӣ Мабатшоев, Далер Имомназаров (ҳарду аз «Регар-ТадАЗ»), Азизбек Ҳаитов («Равшан»), Ҷовидон Хушвахтов («Барқчӣ»); ҳамлаварон Шаҳром Самиев («Хоразм», Ӯзбекистон), Рустам Соиров («Истиқлол»), Нуриддин Ҳамроқулов («Вахш»), Шериддин Бобоев («Равшан»). Дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба Австралия сафар кард ва онҷо барои бозӣ бо Тимори Шарқӣ омодагӣ мегирад.

ҶУДО

ЧОР НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ БОЗИҲОИ ҲАМБАСТАГИИ ИСЛОМӢ

Ҷудокорон Мадина Қурбонзода бо Темур Раҳимов (+100 кг) соҳиби нишонҳои нуқра ва Абубакр Шеров бо Ҷаҳонгир Маҷидов ба гирифтани нишонҳои биринҷии Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ шарафёб гардиданд.



Нишони якумро аз ҷудо Мадина Қурбонзода ба даст овард. Дар финали мусобиқа ҷудокори тоҷик аз намояндаи Аморати Араб Хорлудой Бишрелт мағлуб шуд ва соҳиби нишони нуқра гардид. Паҳлавони сангинвазни тоҷик Темур Раҳимов дар вазни ҷамъи 100 кг низ ба гирифтани нишони нуқра мушарраф гардид. Дар финали мусобиқа Темур Раҳимов аз намояндаи Ӯзбекистон Музаффарбек Туробоев мувоҷеҳи шикаст шуд.

Абубакр Шеров баъд аз пирӯзӣ дар чорякниҳоӣ аз Ҳидоят Ҳайдарови озарбойҷонӣ мағлуб шуд. Дар мубориза барои нишони биринҷӣ Шеров муқобили Эйдер Токтай аз Туркия ғолиб омад. Ҷаҳонгир Маҷидов рақобатҳоро аз чаҳорякниҳоӣ оғоз карда, аз намояндаи Миср Элрамлӣ Умар мағлуб шуд ва ба даври тасаллобахш рафт. Дар ин марҳила Маҷидов бар Таҳман Зан Франк Улрик аз Камерун пирӯзӣ ба даст овард. Дар мубориза барои нишони биринҷӣ Маҷидов муқобили Саид Садрудинов аз Баҳрайн ғолиб омад.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

КМВА НИШОНИ БИРИНҶӢ ГИРИФТ, МУБОРИЗА БАРОИ ҶОЙИ ЯКУМ ИДОМА ДОРАД

Дар даври ниҳоии Чемпионати Тоҷикистон-2025 маълум шуд, дастаи КМВА пас аз пирӯзӣ бар «Регар-ТадАЗ» соҳиби нишони биринҷии чемпионат шудааст, аммо мубориза брои ҷойҳои якум ва дуюм идома дорад, зеро ҳанӯз бозиҳои мавқуфмонда ҳастанд.

ҶАДВАЛИ ЛИГАИ ОЛӢ
Пас аз даври 22-юм

		Б	Ғ	И
1	Вахш	21	32-17	44
2	Истиқлол	18	39-15	40
3	КМВА	22	38-23	37
4	Равшан	22	26-20	35
5	Хуҷанд	22	24-25	31
6	Эсхата	22	31-30	30
7	Регар-ТадАЗ	21	22-22	27
8	Барқчӣ	22	22-20	27
9	Ҳосилот	20	25-26	24
10	Истаравшан	21	22-38	19
11	Ҳулбук	21	14-34	13
12	Панҷшер	22	16-41	12

«Хуҷанд» дар бозии сафарӣ бар «Барқчӣ» зафар (1:0) ёфт. «Вахш» дар майдони худ бар «Истаравшан» (2:0) ғалаба карда, муборизаро дар пойгаи қаҳрамонӣ бо «Истиқлол» идома медиҳад. «Истиқлол» бошад, дар Ҳисор дарвозаи «Эсхата»-ро голборон кард - 6:2.

«Панҷшер» дар ҷадвали Чемпионати Тоҷикистон-2025 зинаи охиринро гирифта, Лигаи олиро тарк кард. «Ҳулбук»-и Восеъ бо дастаи «Сардор»-и Турсунзода барои боқӣ мондан дар Лигаи олии Тоҷикистон-2026 вохӯриҳои гузаришӣ анҷом медиҳад.

ФУТЗАЛ

НОКОМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БҲИ ВА ҚУРЪАКАШИИ ҶОМИ ОСИЁ-2026

Дастаи мунтхабаи футзали Тоҷикистон дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ дар як гурӯҳ бо дастаҳои мунтахаби Марокаш, Афғонистон ва Эрон бозӣ карда, ном шуд.



Шогирдони Пайрав Воҳидов дар бозии даври аввал бо ҳисоби 9:5 аз дастаи мунтахаби Афғонистон шикаст хӯрданд. Дар даври дуюм дастаи мунтахаби Марокаш бо ҳисоби 7:1 бар дастаи мунтахаби Тоҷикистон пирӯз шуд. Дар бозии охир бо дастаи мунтахаби Эрон ҳисоби 4:1 бар нафъи эрониҳо ба қайд гирифта шуд. Ҳамин тавр, дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон бидуни имтиёз монд ва имкони аз гурӯҳ баромаданро аз даст дод. Дар ин гурӯҳ Марокаш бо 7 имтиёз дар зинаи аввал мавқеъ гирифта, ба финал баромад. Эрон бо 5 имтиёз дар зинаи дуюм маскан гирифт, Афғонистон бо 4 имтиёз сеюм шуд. Дар ниҳоят Эрон нишони тило ва Марокаш нишони нуқраро соҳиб шуд. Ӯзбекистон сеюм шуд.

Дар ҳамин ҳол, қуръакашӣ барои Ҷоми Осиё-2026, ки дар Индонезия ба нақша гирифта шудааст, баргузор шуд. Тоҷикистон дар гурӯҳи С ҷойгир гирифта, бо Ҷопон, Ӯзбекистон ва Австралия рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Дар натичаи қуръакашӣ шонздаҳ даста ба чор гурӯҳ ҷудо шуданд, ки ҳар кадоме аз чор даста иборат аст. Пас аз анҷоми марҳилаи гурӯҳӣ, ду дастаи бехтарин аз ҳар гурӯҳ муборизаро идома хоҳанд дод.

РЕЗААХБОР



10-уми ноябр дар шаҳри Душанбе мусобиқаи байналмилалии шатранҷбозӣ барои дарёфти «Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз шуд. Мусобиқа тибқи тақвими Федератсияи байналмилалии шатранҷ ва Нақшаи ягонаи тақвимии чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 амалӣ мегардад. Дар мусобиқа зиёда аз 230 варзишгар аз 16 кишвари ҷаҳон иштирок мекунанд.

***


Дастаи наврасони то 17-солаи Тоҷикистон бо роҳбарии Марко Рачинӣ дар Ҷоми ҷаҳон-2025 ба нокомӣ дучор шуд. Даста дар бозии аввал аз Чехия бо ҳисоби 1:6, дар бозии дуюм аз ИМА бо ҳисоби 1:2 ва дар бозии охир аз Буркина Фасо бо ҳисоби 0:2 мағлуб ва аз идомаи мубориза маҳрум шуд. Се дастаи дигар аз ин гурӯҳ ба даври дигар роҳ ёфтанд.

***

Марокаш дар бозии марҳилаи гурӯҳии Ҷоми ҷаҳонии футбол (U-17) тими Каледонияи Навро шикаст дод ва рекорди наверо барои бузургтарин пирӯзӣ дар таърихи мусобиқаҳо гузошт. Марокаш ин бозӣ ба ҷони дарвозаи ҳариф 79 зарба зад, ки 16 зарба ба гол анҷомид. Ин даста дар ду бозии аввал мағлуб шуда буд, дар ҳоле ки Каледонияи Нав бо пешсафи гурӯҳ Ҷопон бо ҳисоби 0:0 мусовӣ бозӣ карда буд.

***

Кишвари Малайзия расман дар Маҷлиси умумии 14-уми ISSA ҳамчун кишвари навбатии мизбони 7-умин Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ интихоб шуд. Ин мусобиқа соли 2029 баргузор хоҳад шуд. Мавсими 6-уми Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ ҳоло дар кишвари Арабистони Саудӣ идома дорад.



КОРМАНДИ ХУБ

Санавбар ба Лола занг зада, мегӯяд:
- Лола, дар куҷоӣ? Шеф туро як соат боз мекобад.
Лола дар ҷавоб мегӯяд:
- Ба шефамон гӯй, ки корманди хубро ёфтан душвор аст!

МАКТАБИ МУСИҚӢ

Шавҳар ба занаш мегӯяд:
- Латофат, ба фикрам ту дар мактаби мусиқӣ таҳсил кардаӣ?
Зан дар ҷавоб:
- Ман ягон хел мактаби мусиқиро нахондаам!
Шавҳар мегӯяд:
- Ин тавр бошад, барои чӣ ҳар рӯз консерт нишон медиҳӣ?

ДАРК

Пиразане аз дугонааш мепурсад:
- Ҳамин ту фаҳмида метавонӣ, ки дар дунё чӣ гапу корҳо шуда истодааст?
Дугонааш мегӯяд:
- Ба ту чӣ хел фаҳмонам...
Пиразан гапи дугонаашро бурида, мегӯяд:
- Ман худам ҳам мефаҳмам, вале дарк карда наметавонам.

ТАРОЗУИ ГӮЁ

Зан ба назди духтур рафта, мегӯяд:
- Духтур, ба фикрам ман фарбеҳ шудаам.
Духтур:
- Чаро ин тавр фикр мекунед?
Зан:
- Имрӯз тарозуи гӯё харидаму вазнамро чен кардам.
Духтур:
- Хуш, тарозуи гӯё вазнатонро чанд гуфт?
Зан:
- Тарозу гуфт, ки «илтимос, ба болои тарозу якнафарӣ бароед!».

ДӮЗАХ

Марде ба дӯсташ ҳасрат мекунад:
- Бо шарофати занам ман тақводор шудам.
Дӯсташ ҳайрон шуда, мепурсад:
- Чӣ тавр?
Мард дар ҷавоб:
- То рӯзи тӯямон ман ба вуҷуд доштани дӯзах боварӣ надоштам.

ИМКОННОПАЗИР

Рӯзноманигор аз марде мепурсад:
- Чӣ гуна ба шумо муяссар мегардад, ки ҳама корро дар вақташ иҷро карда, табъатон болида бошад?
Мард мегӯяд:
- Ман бо касе баҳс намекунам.
Рӯзноманигор:
- Охир, ин имконнопазир аст!
Мард мегӯяд:
- Имконнопазир бошад, пас имконнопазир аст.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

МУШҲОИ БАИНСОФ

Пирамарде ҳангоми ба деҳа рафтанаш як халта мавизи худро дар хонаи ҳамсоя, ки он ҷо чор нафар донишҷӯдухтар мезистанд, амонат мемонад. Донишҷӯён ҳар бегоҳ аз мавиз кам-кам мехӯранду дар таги халта каме мавиз боқӣ мемонад. Баъди як моҳ пирамард омада халтаи мавизашро суроғ мекунад. Духтарон халтаро бароварда, мегӯянд:
- Бобоҷон, узри зиёд, хонаи мо муш пайдо кардааст.
Мӯйсафед даҳони халтаро кушода, мегӯяд:
- Хайрият мушҳои боинсоф будаанд, камакак мавиз мондаанд...

ИМКОНИЯТ

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:
- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?
Мард мегӯяд:
- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имкониятро аз даст надеҳ” афтод.

ЗАБОНИ ДИГАР

Писарчаи 5-сола ба гапзанихои додарчаи 2-солааш диққат дода, мегӯяд:
- Оча, ҳамин додарам дар беморхона иваз нашуда бошад?
Модар мепурсад:
- Барои чӣ?
Писарча дар ҷавоб:
- Ба фикрам тоҷик нест, ба кадом як забони дигар гап мезанад.

ВАСИЯТ

Мӯйсафеде баъди садама дар дами марг ба завҷааш васият мекунад:
- Занакҷон, зиёд ғам махӯр, боз ба шавҳар мебароӣ, ҳамааш хуб мешавад...
Пиразан мегӯяд:
- Эҳ мардак, мани кампирро дигар кӣ мегирад? Агар ҳамин садамаи фалокат ақаллан 20 сол қабл рух медод, шонс доштам.

САНГ

Марде ҳамроҳи писараш ба сари қабри хушдоманаш мераванд. Писарак мепурсад:
- Дада, барои чӣ дар қабри бибиям ин қадар санги калон гузошта шудааст?
Падар дар ҷавоб:
- Барои он ки берун баромада натавонад, бачем.

ҶАБРДИДА

Дар толори суд аз ҷабрдида мепурсанд:
- Ҷабрдида, шумо ҳамин нафарро, ки мошинатонро дуздидааст, шинохтед?
Ҷабрдида дар ҷавоб:
- Рафиқ судя, баъд аз суханронии адвокати ин кас ман бо дилпурӣ гуфта наметавонам, ки мошин доштам ё не.

КОНФЕТ

Марде ба мағоза даромада, ба фурӯшанда мегӯяд:
- Духтарак, ба ман як қуттӣ конфети нағз дихед, вале қимат набошад.
Фурӯшанда мепурсад:
- Барои дӯстдоштаатон мехаред?
Мард мегӯяд:
- Не, барои духтур.
Фурӯшанда ин дафъа мегӯяд:
- Барои миннатдорӣ ё барои ниқор?

Сканворд

